**ЭЪТИЛОФИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ БАР ЗИДДИ ШИКАНҶА ВА БЕҶАЗОӢ ДАР ТОҶИКИСТОН**

**(натиҷаҳои фаъолият дар соли 2021)**

***Муаллиф-мураттиб: Нигина Баҳриева***

Гузориши мазкур дар асоси маълумоте омода шудааст, ки аз ҷониби ташкилотҳои узви Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Дар омода намудани фаслҳои гузориш ширкат варзиданд: Нигина Баҳриева, Нурмаҳмад Халилов, Гулчеҳра Холматова, Парвина Наврузова, Гулчеҳра Раҳмонова, Шоира Давлатова.

**МУНДАРИҶА**


| | | Саҳифа |
|---|---|---|
| | Муқаддима | 5 |
| 1. | Мақсад ва самтҳои афзалиятноки фаъолият | 6 |
| 2. | Сохтори Эътилоф | 7 |
| 3. | Фаъолияти Эътилоф дар соли 2021 | 9 |
| 3.1. | Татбиқи низоми офиятбахшии қурбониёни шиканҷа ва муносибати бераҳмона | 14 |
| 3.2. | Кӯмаки ҳуқуқӣ | 16 |
| 3.3. | Татбиқи принсипҳои истамбулӣ барои тафтишоти самараноки тиббӣ ва ҳуҷҷатгузории шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар тоҷикистон | 25 |
| 3.4. | Инъикоси масоили шиканҷа дар воситаҳои ахбори омма | 27 |

## РӮЙХАТИ ИХТИСОРАҲО

АНМН – Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ДИДҲБ – Дафтар оид ба институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон

ВМКБ – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

КДАМ – Кумитаи давлатии амнияти миллӣ

СРИҶҶ– Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи ҶТ

ГКҲ – Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқӣ

ГОШ – Гурӯҳ оид ба офиятбахшии шахсони аз шиканҷа зарардида ва/ё аъзои оилаи онҳо

ИА – Иттиҳоди Аврупо

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ВАО – Воситаҳои ахбори омма

ТСТ – Ташхиси судиву тиббӣ

КҲИ – Кумитаи оид ба ҳуқуқи инсон

ШИМ – Шахси дорои имкониятҳои маҳдуд

ВКД – Вазорати корҳои дохилӣ

ВКХ – Вазорати корҳои хориҷӣ

КБСС – Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх

ВМ – Вазорати мудофиа

ТҶБ - ташкилоти ҷамъиятии байналмилалӣ

ҲБҲИ – Ҳамкории байналмилалӣ барои ҳуқуқи инсон

ИБЗ – Ислоҳоти байналмилалии зиндонҳо

ВА – Вазорати адлия

ТҒД – Ташкилоти ғайридавлатӣ

ММП – Механизми миллии пешгирӣ

ТҶ – Ташкилоти ҷамъиятӣ

САҲА – Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо

ШВКД – Шӯъбаи вазорати корҳои дохилӣ

СММ – Созмони милали Муттаҳид

ФҶ – Фонди Ҷамъиятӣ

БРСММ – Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид

НТМ – Ноҳияҳои тобеи марказ

ТТ – Тавқифгоҳи муваққатӣ

ПИ – Протоколи Истамбулӣ

ДМТ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

ИҶК БМ – Институти "Ҷамъияти Кушода" - Бунёди мадад

ТНМ – Тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ

ДИ ПҶТ – Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

МУ – Муассисаи ислоҳӣ

ИКОҲИ – Идораи Комиссари олӣ оид ба ҳуқуқи инсон

КМҶ – Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ

ТДУ– Тафсири даврии универсалӣ

ВҲИ – Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон

ПФКЗШ –Протоколи факултативии Конвенсияи зидди шиканҷа

ОМ – Осиёи Марказӣ

ЮНИСЕФ – Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид

**Ихтисораҳо бо забони англисӣ**

USD – доллари ИМА

DCAF – Маркази назорати демократӣ аз болои қувваҳои мусаллаҳ

DFID – Вазорати рушди байналмилалии Британияи Кабир

ABA/ROLI – Ассотсиатсияи ҳуқуқшиносони Амрико/Ташаббуси волоияти қонун

NED – Фонди миллии дастгирии демократия

## МУҚАДДИМА

Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон моҳи сентябри соли 2011 баҳри муттаҳид сохтани саъю кӯшишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мубориза бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтааст. Дар ин муддат Эътилоф ба сохтори ба таври муназзам амалкунандаи ҷомеаи шаҳрвандӣ мубаддал гашта, дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ эътироф шудааст. Эътилоф платформаи муҳим ва фазои бехатар барои ҳамаи аъзои он мебошад, ки барои дастгирӣ, гирифтани маслиҳати касбӣ, машварат, баланд бардоштани малакаи касбии худ, муттаҳид сохтани талошҳо ва баромад намудан бо овози ягона ҷиҳати таъсиргузории самараноктар ба шахсони қарорқабулкунанда, қурбониён ва донорҳо имкон фароҳам меорад. Шаффофияти фаъолият ва ахлоқи касбӣ, принсипҳои бағоят муҳими фаъолияти Эътилоф мебошанд.

Аъзои Эътилоф ТҒД-ҳои пешбар ва шариконы инфиродӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон бо таҷрибаи бисёрсола мебошанд, ки аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ дастгирӣ карда мешаванд ва дорои имкониятҳои муколама бо мақомоти кишвар буда, робитаҳои худро бо ВАО мустаҳкам менамоянд ва дар пешбурди фаъолият оид ба мубориза бо шиканҷа ва беҷазоӣ нақши асосиро мебозанд. Эътилоф ба кушодани муколамаи ҷамъиятӣ оид ба масъалаи шиканҷа мусоидат намуд ва дорои фаҳмиши хуби вазъ дар сатҳи инфиродӣ (кори бевосита бо қурбониёни шиканҷа ва хешовандони онҳо) ва сиёсӣ (таҳлили сиёсат, иштирок дар пешбурди сиёсат) буда, барои пешбурди тавсияҳои худ механизмҳои минтақавӣ ва байналмилалиро самаранок истифода мебарад.

Эътилоф дорои сомонаи худ www.notorturetj.org, саҳифаҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад, ки василаҳои фарогири иттилоотӣ оид ба масъалаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар Тоҷикистон буда, дар онҳо моддаҳо, ҳуҷҷатҳои барномавии дахлдор, натиҷаҳои таҳлил ва муоина, мусоҳиба ва дигар иттилооти заруриро пайдо кардан мумкин аст.

Эътилоф дорои саҳифаҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад:
Дар Facebook: https://www.facebook.com/noturture.tj/
Дар Twitter: https://twitter.com/NoTorturetj
Дар Soundcloud: https://soundcloud.com/notorture-tj
Дар Телеграм: http://t.me/j
Дар Инстаграм: notorture.tj
Дар Odnoklassniki: https://ok.ru/group/54476259131498
Дар Youtube: https://www.youtube.com/channel/UCWfjfabt9tacFgj-rcJZqtw

Дар соли 2021 фаъолияти умумиb Эътилоф аз ҷониби иттиҳоди Аврупо, Хазинаи Зигрид Раузинг Траст, Институти ҷамъияти Кушода (Берлин), Шуъбаи ташкилоти Байналмилалии Институти Ҷамъияти Кушода - Бунёди Мадад дар Тоҷикистон, Дафтари барномаҳои САҲА дар Тоҷикистон, Фонди ихтиёрии СММ оид ба дастгирии ҷабрдидагони шиканҷа, БРСММ, Созмони байналмилалӣ бар зидди шиканҷа (СБЗШ), ва ғайра дастгирӣ карда шуд.

## 1. МАҚСАД ВА САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ФАЪОЛИЯТ

### 1.1. Эътилоф дар назди худ чунин ҳадафҳо мегузорад:

- Муттаҳид сохтани талошҳо ва талабот нисбати мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба ташаккули сиёсати "таҳаммули сифрӣ" ба шиканҷа дар Тоҷикистон;
- Дар асоси стандартҳои байналмилалии ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа, равона намудани талошҳо ба такмили қонунгузорӣ ва таҷрибаи татбиқи қонунҳо.

### 1.2. Афзалиятҳо ва самтҳои асосии фаъолияти Эътилоф:

Дар соли 2021 Эътилоф ба муҳокимаи таҳияи **Стратегияи нав** барои панҷ соли оянда оғоз намуд. Бо намояндагони гурӯҳҳои кории Эътилоф вохӯриҳои инфиродӣ гузаронида шуданд, арзёбии самаранокии фаъолияти Эътилоф ва раванди ноилшавӣ ба ҳадафҳои Стратегияи амалкунанда анҷом дода шуд. Дар робита бо пандемияи идомаёбандаи COVID-19 ва бинобар он ки ҳамаи вазифаҳои дар доираи стратегия зикршуда муҳим мебошанд, амали Стратегия ба муддати ду сол тамдид карда шуд (2021-2022).

Самтҳои асосии фаъолияти Эътилоф инҳо мебошанд:

1) Пешбурди ташаккули низоми самарабахши вокуниш ба аризаҳо оид ба ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона ва механизми мустақили таҳқиқи шиканҷа дар Тоҷикистон
2) Пешбурди стандартҳои Протоколи Истамбулӣ дар қонунгузорӣ ва амалия, аз ҷумла, ташкил намудани институти мустақили ташхиси судиву тиббӣ
3) Пешбурди ташаккулёбии институти назорати ҷамъиятӣ аз болои ҷойҳои маҳрумкунӣ ва маҳдудкунӣ аз озодӣ
4) Пешбурди такмили механизмҳои самараноки ҷуброни зиён ба қурбониёни шиканҷа ва аъзои оилаи онҳо ва ҷуброни одилона ва кофӣ, аз ҷумла маблағҳо барои фароҳам овардани имкони офиятбахшии пурратар.

Дар соли 2022 Эътилоф фаъолияти зеринро идома хоҳад дод:

- Рушди минбаъдаи сомонаи Эътилоф www.notorturetj.org, ки ягона сарчашмаи боэътимод ва пурраи иттилоот оид ба ҳолатҳои мушаххас, мониторинг ва ҳисоботдиҳӣ дар бораи вазъи озодӣ аз шиканҷа дар Тоҷикистон барои ҷомеа ва гурӯҳҳои касбӣ мебошад. Сомона ба баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеа оид ба вазъи озодӣ аз шиканҷа дар Тоҷикистон мусоидат менамояд ва ҳамчун платформа барои мубодилаи иттилоот байни тамоми субъектҳои асосӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ хидмат менамояд.
- Пешниҳоди минбаъдаи кӯмаки ҳуқуқӣ ба қурбониёни шиканҷа, пешбурди мурофаиҳои судии стратегӣ, ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои истифодаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона. Ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа ба Эътилоф имкон медиҳад, ки дар бораи вазъи шиканҷа дар кишвар маълумоти бевосита ба даст орад, дар ҳоле ки пешбурди мурофиаҳои судии стратегӣ имкони ноил шудан ба ташаккули амалияи устувори татбиқи меъёрҳои қонунгузорӣ дар бораи ҳимояи қурбониёни шиканҷа, инчунин амалияи пардохти ҷубронпулӣ ба қурбониёни шиканҷа тибқи стандартҳои байналмилалиро фароҳам меорад. Ба ғайр аз қурбониёни шиканҷа ва муносибати бераҳмона, Эътилоф нақша дорад, ки фаъолиятро дар самти ҳуҷҷатгузорӣ ва

мурофиаҳои судии стратегӣ оид ба риояи ҳуқуқи инсон дар низоми адолати судии ҷиноятӣ тавсеа диҳад.

- Гузаронидани мониторинги иҷрои тавсияҳои Кумитаи зидди шиканҷа, Кумита оид ба ҳуқуқи инсон, Маърӯзачии махсус оид ба шиканҷа аз рӯи натиҷаҳои сафарҳо ба Тоҷикистон.
- Омодасозии ҳуҷҷатҳои таҳлилӣ ва гузоришҳои алтернативии ба мақомоти СММ, инчунин дар доираи муколамаҳои байниҳукуматӣ оид ба ҳуқуқи инсон.
- Иштироки фаъолона дар пешбурди иёсати миллӣ дар соҳаи озодӣ аз шиканҷа: таъсис додани ниҳоди мониторинги ҷойҳои маҳрусозӣ аз озодӣ, такмил додани қонунгузорӣ, мустаҳкам кардани механизмҳо ва расмиёти ҷуброни зарар ба қурбониёни шиканҷа ва муносибти бераҳмона.
- Гузаронидани омӯзишҳо ва чорабиниҳои таълимӣ оид ба масъалаҳои озодӣ аз шиканҷа барои адвокатҳои амалкунанда ва намояндагони ихтисосҳои ҳуқуқӣ.

## 2. СОХТОРИ ЭЪТИЛОФ

Эътилоф намояндагони ташкилотҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони алоҳидаеро, ки фаъолият оид ба мубориза бо шиканҷа ва муносибати бераҳмонаро анҷом медиҳанд, муттаҳид менамояд ва дар асоси **Қоидаҳо ва усулҳои иштирок дар Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон ва Стратегияи мувофиқашуда амал менамояд.**

Ба ҳолати 31 декабри соли 2021 аъзо ва шарикони Эътилоф инҳо мебошанд:

1. ТҶ "Анҷумани ҳуқуқшиносони Помир"
2. Ассотсиатсияи Машваратчиёни халқии вилояти Суғд
3. ТҶ Созмони занони маъюб “Иштирок"
4. ТҶ "Дунёи ҳуқуқ"
5. Ташкилоти ҷамъиятии "Оғоз"
6. Ташкилоти ҷамъиятии "Наҷоти кӯдакон"
7. Ташкилоти ҷамъиятии "Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон"
8. Фонди ҷамъиятии "Нотабене"
9. ТҶ "Солимии ҷамъият ва ҳуқуқи инсон"
10. ТҶ "Отифа"
11. ТҶ "Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ"
12. Фонди ҷамъиятии "Ташббуси ҳуқуқӣ"
13. ТҶ "Маркази ҳуқуқи инсон"
14. Абдураҳмон Шарипов, ҳуқуқшинос
15. Аскар Турсунов, адвокат
16. Дилафрӯз Самадова, адвокат
17. Зоир Раззаков, коршиноси тиббӣ
18. Наргис Хамрабаева, рӯзноманигор
19. Фазлиддин Хоҷаев, рӯзноманигор
20. Ойниҳол Бобоназарова, коршиноси мустақил
21. Умед Ниёзов, адвокат
22. Шӯҳрат Саидов, адвокат

**2.1. Гурӯҳҳои корӣ ва мақомоти роҳбарикунанда:**

**Шӯрои Эътилоф -** тамоми аъзо ва шарикони Эътилоф

**Ҳамоҳангсози Эътилоф –** Нурмаҳмад Халилов, ТҶ "Маркази ҳуқуқи инсон"

**Маркази таҳлилӣ –** Нигина Баҳриева, фонди Ҷамъиятии "Нотабене"

**Гурӯҳи оид ба мониторинги ҷойҳои маҳрумкунӣ ва маҳдудкунӣ аз озодӣ –** Фарҳод Бобоев, ТҶ "Маркази оид ба ҳуқуқи инсон"

**Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқӣ –** Гулчеҳра Холматова, ТҶ "Дунёи ҳуқуқ"

**Гурӯҳ оид ба офиятбахшии шахсони аз шиканҷа зарардида ва/ё аъзои оилаи онҳо –** Гулчеҳра Раҳмонова, ТҶ "Ташаббуси ҳуқуқӣ" (дар асоси Стратегия амал мекунад).

**Гурӯҳи расонаӣ** – Шоира Давлатова, ТҶ "Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон" (дар асоси Стратегия амал мекунад).

## 3. НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ ЭЪТИЛОФ ДАР СОЛИ 2021

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқии Эътилоф 24 мурочиат оид ба масъалаҳои истифодаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона ҳуҷҷатгузорӣ шудааст, ки аз онҳо 5 мурочиат аз занон мебошад. Корҳо аз рӯйи 9 парвандаи солҳои гузашта идома дода мешаванд.

14 нафар бо **офиятбахшӣ** фаро гирифта шуданд, аз онҳо 5 мард ва 9 зан. Аз шумораи умумии қурбониён 6 нафар шахсони бевосита аз шиканҷа ва муносибати бераҳмона ҷабрдида ва 8 нафар хешовандони қурбонии шиканҷа ва/ё муносибати бераҳмона мебошанд.

Гурӯҳи расонаӣ 460 мавод нашр кард, аз онҳо 217 - бо забони русӣ, 197 - бо забони тоҷикӣ ва 51 мавод бо забони англисӣ.

**Омодасозии гузориши солонаи Эътилоф барои соли 2021.** Дар давраи аз моҳи декабри соли 2021 то моҳи январи соли 2022, омодасозии гузориши солонаи Эътилоф барои соли 2021 анҷом дода шуд. Гузориш дар сомонаи Эътилоф бо забонҳои русӣ ва англисӣ нашр гардидааст.

**Мониторинги иҷрои Нақшаи миллии амалҳо оид ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи СММ бар зидди шиканҷа барои солҳои 2019-2022 дар фосилаи солҳои 2019-2020**.




Моҳи апрели соли 2021, Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон якҷоя бо Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили **рафти иҷрои Нақшаи миллии амалҳо оид ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи СММ бар зидди шиканҷа барои солҳои 2019-2022 дар фосилаи солҳои 2019-2020-ро** анҷом дод. Дар асоси таҳлил маълумот таҳия карда шуд[1], ки дар сомонаи Эътилоф нашр шудааст[2].

**ТДУ– Тафсири даврии универсалӣ**

**Омодасозии гузориши алтернативӣ**. Дар соли 2021 Маркази таҳлилӣ аз болои омодасозии гузориш ба Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқи инсон дар доираи ТДУ оиди масоили шиканҷа ва муносибати бераҳмона, вайронкунии ҳуқуқи инсон дар неруҳои мусаллаҳ, ҳукми қатл, зӯроварӣ дар оила, зӯроварӣ нисбати ЛГБТ ва шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд кор кард. Дар рафти омодасозии гузориш кормандони ТҶ "Нотабене" ҷиҳати дар гузориш инъикос намудани маълумоти навтарин ва саҳеҳтарин оид ба вазъият дар соҳаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар кишвар бо гурӯҳҳои кории Эътилоф ҳамкории наздик дошт.

---

[1] Мавод бо дастгирии OSIAF HRI, Хазинаи Зигрид Раузинг ва Хазинаи Ҳелсинки оид ба ҳуқуқи инсон омода карда шудааст.
[2] https://notorturetj.org/news/monitoring-proveden-analiz-voprosa-primeneniya-pytok

Гузориш инчунин тавсияи мушаххас ба Ҳукумати Тоҷикистон оид ба беҳтар сохтани вазъ дар ин соҳаро дарбар мегирад.

**Брифингҳо**. 20 сентября соли 2021 ТҶ "Нотабене" дар ҳамкорӣ бо ШБҲИ ҷиҳати муҳокимаи вазъ дар самти шиканҷа ва муносибати бераҳмона, инчунин дигар масъалаҳои риояи ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон, аз ҷумла рафти иҷрои тавсияҳое, ки дар рафти даври дуюми ТДУ дар соли 2016 пешниҳод шудаанд, бо намояндагони давлатҳои узви ШҲИ СММ вохӯрии ғайрирасмӣ дар речаи ташкил намуд. Вохӯрӣ дар платформаи ZOOM ташкил карда шуд, дар он фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ аз Тоҷикистон ва намояндагони давлатҳои зерини аъзои Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқи инсон: Дания, Словения, Словакия, Британияи Кабир, ИМА, Австрия, Норвегия, Литва ва ғайра иштирок намуданд. Иштирокчиёни муҳокима баромадҳои худро ба ҳодисаҳои охирин дар соҳаҳои худ равона карданд ва инчунин кӯшиш карданд, ки таваҷҷуҳи давлатҳои узвро ба муҳимтарин масъалаҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон, ки тибқи пешбиниҳо мебоист дар тавсияҳои ниҳоӣ ба Ҳукумати Тоҷикистон дар моҳи ноябри соли 2021 инъикос ёбанд, ҷалб намоянд.

**Баррасии гузориши ТДУ.** Гузориши миллии Тоҷикистон дар доираи даври сеюми ТДУ рӯзи 4 ноябри соли 2021 баррасӣ карда шуд. Дар робита бо пандемияи COVID-19 муколамаи интерактивӣ дар речаи онлайн баргузор гашт. Дар натиҷаи муколама ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои мушаххас оид ба беҳтар сохтани вазъи ҳуқуқи инсон дар кишвар пешниҳод карда шуданд.

**Мавод оид ба шиканҷа ва муносибати бераҳмона нисбати занон дар Тоҷикистон**

Дар давраи ҳисоботӣ кормандони ТҶ "Нотабене" дар чараёни омодасозии маводи "Ҳуқуқҳои нопадидшаванда: омӯзиши фишор ба ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон" иштирок намуданд, ки бо ташаббуси Маркази сиёсати хориҷӣ (FPC), маркази таҳлилии байналмилалии воқеъ дар Британияи Кабир, роҳандозӣ шудааст. Дар доираи саҳмгузории худ кормандони ташкилот дар бораи вазъ дар самти зӯроварӣ нисбати занон ва духтарон дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ дар Тоҷикистон мақола омода намуданд. Дар мақола муаллифон масъалаҳои ба таври васеъ паҳн шудани зӯроварӣ нисбати занон дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ дар Тоҷикистонро, ки оқибати беҷазоии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мавҷуд набудани механизмҳои мувофиқи дастгирии давлатӣ мебошад, таҳлил карданд. Зӯроварие, ки занон ва духтарон бо он дучор меоянд, шиканҷа ва муносибати бераҳмона, таҷовуз ба номус ва таъқиби ҷинсӣ, маҷбурсозӣ ва таҳқирро дарбар мегиранд. Муаллифон ба он даъват менамоянд, ки ҳифзи занон ва духтарон тавассути таъмин намудани баррасии тамоми намудҳои зӯроварӣ ва муносибати бераҳмона нисбати онҳо дар тафтишоти ҷиноятӣ ва равандҳои судӣ, аз ҷумла аз дидгоҳи табъизи гендерӣ, беҳтар карда шавад. Муфассалтар бо мақола дар инҷо шинос шудан мумкин аст:

https://fpc.org.uk/wp-content/uploads/2021/05/Retreating-Rights-Tajikistan-Publication-May-2021.pdf

Рӯзи 9 июни соли 2021 кормандони ташкилот дар мизи мудаввари виртуалӣ, бо иштироки вакилони парламенти Аврупо ва намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ-донорҳо бо мақсади муҳокимаи хулосаҳо ва тавсияҳои дар маводи "Ҳуқуқҳои нопадидшаванда: омӯзиши фишор ба ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон" иштирок намуданд. Дар рафти мизи мудаввар намояндаи ТҶ "Нотабене" бо эродҳои муқаддимавӣ баромад намуда, ба иштирокчиён дар бораи вазъияти ҳуқуқи башар дар Тоҷикистон, бо таваҷҷуҳи махсус ба

вазъ дар соҳаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона маълумот дод ва инчунин оид ба беҳбуд бахшидани вазъ ба ҷомеаи донорӣ тавсияҳои мушаххас баён намуд.

**Омӯзишҳо барои судяҳо оид ба масъалаҳои ҷуброни зарари маънавӣ ба қурбониёни шиканҷа.** Эътилоф якҷоя бо Суди Олии ҶТ барои судяҳо ду омӯзиш оид ба масъалаҳои ҷуброни зарари маънавӣ барои қурбониёни шиканҷа ва дигар вайронкуниҳои ҳуқуқи инсон гузаронид. Омӯзишҳо аз 8 то 10 ноябри соли 2021 дар маркази таълимии Бонки Миллии Тоҷикистон дар шаҳри Гулистони вилояти Суғд ва аз 16 то 18 ноябри соли 2021 дар бинои осоишгоҳи «Сатурн» дар ноҳияи Ҳисор баргузор гаштанд. Дар маҷмуъ 40 нафар судяҳо аз Суди Олӣ, судҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо омӯзиш фаро гирифта шуданд. Ба сифати омӯзгорон коршиносон Елена Волочай ва Нигина Баҳриева, инчунин судяи Суди Олии ҶТ Шароф Аланазарзода иштирок доштанд.

**Семинар оид ба инъикоси масъалаҳои муқовимат ба шиканҷа:** рӯзи 25 январи соли 2021 Эътилоф дар ш. Хоруғ[3] барои мутахассисон оид ба робита бо ҷомеаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ и мақомоти ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон семинари омӯзишӣ дар мавзуи: "Ҳамкорӣ ва такмили малакаҳо оид ба инъикоси масъалаҳои озодӣ аз шиканҷа ва муносибати бераҳмона"[4] баргузор кард, ки ба амалисозии Нақшаи миллии амал оид ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи СММ зидди шиканҷа равона шудааст.

Иштирокчиёни семинар кормандони хадамоти матбуотӣ ва марказҳои робита бо ҷомеаи вилоятҳо ва мутахассисони Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Раёсати Агентии назорати моводи нашъаовар, Раёсати адлия, Намояндагии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, РВКД, Суд ва инчунин Прокуратураи шаҳри Хоруғ буданд.

**Дар бораи боздошт чиро донистан лозим аст?** Кормандони ММҲҲИ лайфхакҳо таҳти унвони: "Дастурамал оид ба боздошт ё дар бораи боздошт чиро донистан лозим аст"-ро омода намуданд, ки шарҳҳои қадам ба қадам оид ба масъалаҳои боздошт ва алгоритми амалҳо ҳангоми боздоштро дарбар мегиранд http://constuction.tilda.ws/detentioninstruction,

**Иртибот бо ВТҲИА ҶТ.** Бо мақсади гузаронидани мониторинги мустақили мунтазам дар беморхонаҳои психиатрӣ ва дигар муассисаҳо, ки дар онҳо шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ қарор дошта метавонанд, як қатор вохӯриҳо бо намояндагони ВТҲИА ҶТ баргузор гаштанд, ки дар рафти онҳо имконияти гузаронидани мониторинги мустақили беморхонаҳои психиатрӣ муҳокима карда шуд. ВТҲИА ҶТ пешниҳоди Эътилофро дастгирӣ кард ва ба ин тариқ ташрифҳо ба муассисаҳои психиатрӣ барои гузаронидани мониторинг дар моҳи январи соли 2022 оғоз гаштанд. Дар соли 2021, аъзои гурӯҳи мониторингӣ бо дастгирии коршиносии Хазинаи Ҳелсинки оид ба ҳуқуқи инсон дар самти мониторинги муассисаҳои психиатрӣ ва усудҳои таълими ҳуқуқи башар барои кормандони муассисаҳои психиатрӣ омӯзиш гузаронид.

**Фаъолияти Эътилоф бар зидди шиканҷа дар робита бо вазъият дар минтақаи наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон.**

Дар давраи ташаннуҷи вазъият дар минтақаи наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон бо дастгирии намояндагони ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон

[3] http://ichrptj.org/ru/blog/seminar-v-horoge-osveshchenie-protivodeystviya-pytkam

[4] Чорабинӣ аз ҷониби ТҶ "Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон", ки узви Эътилоф бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон мебошад, дар доираи лоиҳаи "Тақвият додани амалҳо оид ба пешгирии шиканҷа ва дастгирии ташкилотҳои ҳомии ҳуқуқ дар Тоҷикистон", бо маблағгузории Иттиҳоди Аврупо ва Хазинаи Институти "Ҷамъияти кушода", ташкил карда шуд.

телефонҳои тамоси фаврӣ барои посух ба вайронкуниҳои эҳтимолии ҳуқуқ дар робита бо вазъият дар минтақаи наздисарҳадии Тоҷикистон ва Қирғизистон кушода шуданд. Телефонҳои тамоси фаврӣ аз 15 май то 15 июни соли 2021 фаъол буданд. Ғайр аз он, дар ҳолати муроҷиат мутахассис оид ба ҳуҷҷатгузории далелҳои вайронкунӣ ҷалб карда шуд.

**Машваратҳои миллӣ оид ба муҳокимаи лоиҳаи Стратегияи миллӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон то соли 2030 ва нақшаи кории он.**



Рӯзи 7 апрели соли 2021 дар толори маҷлисҳои меҳмонхонаи Hyatt Regency ш. Душанбе машваратҳои миллӣ оид ба муҳокимаи лоиҳаи Стратгияи миллӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон то соли 2030 ва Нақшаи корӣ барои солҳои 2021-2023 баргузор гаштанд. Машваратҳо аз ҷониби Раёсати кафолатҳои ҳуқуқи инсони назди президенти Ҷумҳурӣ якҷоя бо Фонди ҷамъиятии "Нотабене" гузаронида шуданд. Дар машварат намояндагони гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи стратегия ва нақшаи корӣ, инчунин намояндагони муассисаҳои асосии давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ ширкат варзиданд. Тибқи мувофиқаи пешакӣ, Раёсати кафолатҳои ҳуқуқи инсон барои равона кардани даъватномаҳо ба мақомоти давлатӣ масъул буд ва ТҒД-ҳои маҳаллӣ бояд аз ҷониби ТҶ "Нотабене" даъват карда мешуданд.

Пас аз машварат иштирокчиён имкон доштанд ки то 30 апрели соли 2021 эродҳо ва иловаҳо пешниҳод намоянд. Моҳи майи соли 2021 тамоми тавсияҳо коркард карда шуда, ба забонҳои русӣ ва тоҷикӣ тарҷума шуданд ва ба Гурӯҳи корӣ ирсол гардиданд. Дар охири моҳи майи соли 2021 лоиҳа барои мувофиқа ба вазорату идораҳо бозгардонида шуд - онҳо бояд эродҳои худро то 20 июни соли 2021 пешниҳод менамуданд. Дар айни замон ҳуҷҷат таҳти баррасии Ҳукумати кишвар қарор дорад.

**Узвият дар Эътилоф.** Рӯзи 30 ноябр аз роҳбари Ташкилоти ҷамъиятии "Оғоз" Хуршеда Раҳимова оиди дохил шудан ба Эътилоф бар зидди шиканҷа ариза ворид шуд. 8 декабри соли 2021 тибқи қарори Шӯрои Эътилоф, ТҶ "Оғоз" бо аксари овозҳо ба узвияти Эътилоф бар зидди шиканҷа қабул карда шуд.

**Ассотсиатсияи «Машваратчиёни халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** рӯзҳои 16-17 апрели соли 2021 барои донишҷӯёни факултаи ҳуқуқи Донишгоҳи Давлатии ҳуқуқ, тиҷорат ва сиёсати Тоҷикистон омӯзиши иттилоотиву таълимӣ гузаронида шуд. Ҳамагӣ дар омӯзиш 20 донишҷӯён иштирок намуданд. Маълумот оиди чорабинии баргузоршуда дар саҳифаи ташкилот дар Facebook ҷойгир када шудааст, (бо он дар пайванди https://www.facebook.com/publicassessors/ шинос шудан мумкин аст).

Дар соли 2021 фаъолияти Ассотсиатсияи "Машваратчиёни халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба огоҳсозии аҳолӣ дар бораи мубориза бо пандемияи COVID-19 равона гашта буд. Масалан, дар рӯзномаи "Ҳақиқати Суғд" се мақола нашр карда шуд:

- "Короновирус: мубориза бо вирус ё бо ҳуқуқҳои инсон" №35 (16953) аз 21 апрели соли 2021;

- "Оид ба масъали таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон дар шароити пандемия" №36 (16954) аз 24 апрели соли 2021;

- "Масъалаҳои ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон дар давраи паҳншавии сирояти короновирус" №43 аз 15 майи соли 2021.

- буклети иттилоотӣ "Паҳншавии маълумоти носаҳеҳро дар Тоҷикистон чӣ тавр пешгирӣ кардан мумкин аст" таҳия ва нашр карда шуд. Буклетҳои мазкур дар шаҳрҳо/ноҳияҳои вилояти Суғд паҳн карда шуданд.

- се ток-шоу баргузор карда шуд, видеои чорабиниҳо дар YouTube-канали Ассотсиатсияи "Машваратчиёни халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ҷойгир карда шудааст:

Ток-шоу №1: Ҳуқуқҳои шахсони маъюб дар давраи COVID-19. https://youtu.be/IpR2FAjvgOA

Ток-шоу №2. Вазъи ҳуқуқҳои инсон дар давраи пандемия дар Тоҷикистон. https://youtu.be/bL_heg_bklU

Ток-шоу №3. Авҷ гирифтани зӯроварӣ дар оила дар вақти пандемия: сабабҳо ва оқибатҳо[5]. https://youtu.be/a5rewATzXzU

Ассотсиатсияи "Машваратчиёни халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон" инчунин фаъолиятеро анҷом дод, ки ба баланд бардоштани сатҳи иттилоотиву ҳуқуқии намояндагони ВАО равона гаштааст:

- дар шаҳрҳои Душанбе ва НТҶ, Хуҷанд (вилояти Суғд) ва Кӯлоб (вилояти Хатлон) бо мақсади расонидани дастгирии ҳуқуқии саривақтӣ ба намояндагони ВАО се "телефони тамоси фаврӣ" кушода шудаанд ва бомуваффақият фаъолият мекунанд.

- се барномаи радиоӣ дар рубрикаи “МАН –ТУ журналист” дар моҳҳои июн, сентябр ва январи соли 2022 дар радио “Ватан” омода карда шуданд, ки дар Душанбе ва НТҶ – 106 FM, вилояти Хатлон - 102.4 FM, вилояти Суғд - 103.3 FM ва ГБАО - 105 FM пахш мешавад.

- се ТОК-ШОУ дар мавзуъҳои зерин омода, сабт ва пахш карда шуданд:

- "Нақши ВАО дар рушди давлати демократӣ"; "Меъёрҳои этикии фаъолияти журналист дар Тоҷикистон",
- "Фактчекинг ва меъёрҳои масъулият барои паҳн кардани маълумоти дурӯғи носаҳеҳ" (дар www.apart.tj) дастрас аст.[6].

[5] Дар доираи лоиҳаи "Таъмини дастрасии шаҳрвандон / одамон ба маълумоти саҳеҳ"

[6] дар доираи лоиҳаи "Расонидани дастгирии иттилотиву ҳуқуқӣ ба намояндагони ВАО тавассути ислоҳоти ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон"

## 3.1. ТАТБИҚИ НИЗОМИ ОФИЯТБАХШИИ ҚУРБОНИЁНИ ШИКАНҶА ВА МУНОСИБАТИ БЕРАҲМОНА

Ҳадафи Гурӯҳ оид ба офиятбахшии қурбониёни шиканҷа ва/ё аъзоёни оилаи онҳо расонидани кӯмаки ҳадди аксари имконпазир ба қурбониён дар барқароркунии мустақилӣ ва қобилиятҳои ҷисмонӣ, рӯҳӣ, иҷтимоӣ ва касбӣ, инчунин ҳамгироии пурраи иҷтимоӣ ва иштироки онҳо дар ҷомеа мебошад.

Дар соли 2021 фаъолияти Гурӯҳи офиятбахшии шахсони аз шиканҷа зарардида ва/ё аъзои оилаи онҳо, асосан ба хизматрасониҳои сервисӣ ва баланд бардоштани иқтидори мутахассисон нигаронида шуда буд. Мутаассифона, фаъолият дар сатҳи давлатӣ, ки мебоист ба омӯхтани масъалаҳои маблағгузории барномаҳои офиятбахшӣ ва ҷалби сарчашмаҳои алтернативии маблағгузорӣ, баррасии механизми ҷудо кардани маблағгузорӣ аз буҷети давлатӣ ҳамчун манбаи эҳтиётии таъминоти барномаҳои офиятбахшӣ барои қурбониёни шиканҷа ва муносибати бераҳмона; ва баррасии масъалаи дохил кардани қурбониёни зӯроварӣ (шиканҷа, зӯроварӣ дар оила, зӯроварӣ нисбати занон, хизматчиёни низомӣ) ба гурӯҳҳои осебпазир бо мақсади пешниҳоди кафолатҳо оид ба гузаронидани экспертизаҳои тиббӣ ва фарогирӣ бо барномаҳои офиятбахшӣ, расонидани ёрии тиббии ройгон, таъмини ҳамгироӣ бо ҷамъият ва ғайра равона карда мешуд, дар соли 2021 дар робита бо пандемияи COVID-19 баррасӣ карда нашуданд. ВТҲИА ҶТ захираҳои молиявӣ ва кадрии худро ба мубориза бо пандемия равона намуд.

Бо вуҷуди тавсияҳои гирифташуда аз Шӯрои СММ бар зидди шиканҷа, Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқи инсон (ТДУ) ва собиқ Гузоришгари махсус оид ба шиканҷа ва муносибати бераҳмона Хуан Мендос, кишвар ҳоло ҳам тавсияҳои зеринро иҷро накардааст: - таҳлил кардани механизм ва барномае, ки офиятбахширо барои тамоми қурбониён таъмин менамояд, аз ҷумла инфрасохтори мувофиқ дар назди Вазорати тандурустӣ, инчунин маблағгузории муассисаҳои хусусии тиббӣ, ҳуқуқӣ ва дигар муассисаҳо, аз ҷумла муассисаҳое, ки аз ҷониби ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ки хизматрасониҳои тиббӣ, равонӣ ва офиятбахшии иҷтимоӣ (тавсияҳои соли 2012) пешниҳод менамоянд, идора карда мешаванд; - ба қонунгузории миллии худ ворид намудани муқаррароти возеҳ дар бораи ҳуқуқи қурбониёни шиканҷа ба ҷубронпулӣ, аз ҷумла ҷуброн ва офиятбахшии одилона ва кофӣ, дар робита бо зарари дар натиҷаи шиканҷа расонидашуда. Созмон додани механизмҳо ва барномае, ки офиятбахширо барои тамоми қурбониён таъмин менамояд, аз ҷумла инфрасохтори мувофиқ дар назди Вазорати тандурустӣ, инчунин маблағгузории муассисаҳои хусусии тиббӣ, ҳуқуқӣ ва дигар муассисаҳо, аз ҷумла муассисаҳое, ки аз ҷониби ташкилотҳои ғайридавлатӣ идора карда мешаванд, ки хизматрасониҳои тиббӣ, равонӣ ва офиятбахшии иҷтимоӣ пешниҳод менамоянд, зарур аст.

ГОШ фаъолияти худро дар ҳамкории наздик бо Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқии Эътилоф амалӣ месозад. Пас аз гирифтани ариза дар бораи истифодаи эҳтимолии шиканҷа ва/ё муносибати бераҳмона ва ҳуҷҷатгузории он ГКҲ, бо розигии қурбонии эҳтимолии шиканҷа ва/ё аъзои оилаи онҳо, онҳо ба ГОШ барои гирифтани хизматрасонии офиятбахшӣ фиристода мешаванд.

**Офиятбахшии шахсони аз шиканҷа зарардида ва/ё аъзои оилаи онҳо**

Дар давраи ҳисоботӣ 14 нафар ба офиятбахшӣ ворид шуданд, аз онҳо 5 мард ва 9 зан. Аз шумораи умумии қурбониён 6 нафар шахсони бевосита аз шиканҷа ва муносибати бераҳмона ҷабрдида ва 8 нафар хешовандони қурбонии шиканҷа ва/ё муносибати

бераҳмона мебошанд. Ҳамаи ин шахсон дар марҳилаи гузаштани курси офиятбахшӣ қарор доранд.

Нисбати шаш қурбонӣ, ки бевосита аз шиканҷа ҷабр дидаанд, усулҳои таъсири ҷисмонӣ татбиқ карда шудаанд: латукӯб бо дасту пои баста, аз зери нохуни дасту пойҳо ва шикам гузаронидани ҷараёни электрикӣ, зарбаҳо ба зону бо чӯбдаст, фишоровари сахт ба сутунмуҳра, зарбаҳо бо мушт ба сар ва шикам то аз ҳуш рафтан ва зарб хӯрдани мағзи сар, зарбаҳо бо мушт ба китф, кашидани мӯй.

Тамоми қурбониён, инчунин хешовандони онҳо осеб диданд, ки дар натиҷа дар онҳо мушкилоти дорои хусусияти тиббӣ ва равонӣ пайдо шуданд.

**Кӯмаки тиббӣ ва оқибатҳои шиканҷа**

Дар натиҷаи ташхис дар қурбониён ва хешовандони онҳо чунин осебҳои дорои хусусияти тиббӣ ошкор гаштанд: баланд шудани фишори хун, дарди дил, дарди сутунмуҳра, баланд шудани қанди хун, ҷумбидани мағзи сар, дарди зонуҳо, авҷ гирифтани бемории ғадуди зери меъда. Пас аз муоина аз ҷониби кормандони тиббӣ 12 нафар ба табобати амбулаторӣ, 2 нафар ба табобати статсионарӣ равона карда шуданд.

**Осебҳоиравонии дар натиҷаи шиканҷа расонидашуда**

Дар натиҷаи татбиқи шиканҷа, қурбониён ҳолатҳои зеринро аз сар гузарониданд: ба хотир овардани ҳодисаҳои нороҳаткунанда аз шиканҷа, хавотирӣ, канораҷӯӣ, хоҳиши танҳо будан, хоби ноором ё номуназзам, асабоният, зудранҷӣ, таҷовузкорӣ, сатҳи пасти худбаҳодиҳӣ, ҳисси дилхунукӣ, набудани иштиҳо, фаромӯшхотирӣ, гирёнӣ. Ба ҳамаи ин ташаннуҷи дохилии равонӣ дар фосилаи тӯлонии вақт, хоҳиши гурехтан аз одамон ва ҷомеа илова мешавад. Шиканҷае, ки нисбати қурбониён татбиқ шудааст, боиси ташаннуҷи равонӣ гаштааст ва аз ин рӯ баъзе қурбониён дар ҳолати хавотирии сахт қарор доранд.

То ба ҳол кӯмаки психологӣ ба 14 нафар расонида шудааст.

**Офиятбахшии такрорӣ**

Инчунин дар давраи ҳисоботӣ ба чордаҳ нафар қурбониёни эҳтимолӣ ва аъзои оилаи онҳо кӯмаки тиббии такрорӣ расонида шуд. Дар байни онҳо шаш нафар занон, панҷ нафар мардон ва як духтари ноболиғ ҳастанд. Ҳамаи чордаҳ нафар аз муоина ва ташхис гузашта, табобати амбулаторӣ гирифтанд. Кӯмак дар асоси қарори консилиум ва тавсияи духтурон расонида шуд. Пас аз расонидани кӯмаки тиббӣ, чор нафар бо таъиноти пизишки табобаткунанда табобати осоишгоҳию истироҳатӣ гирифтанд.

**Хулосаи равонӣ дар асоси Муқаррароти 4 Протоколи Истамбулӣ**

Аз ҷониби равоншинос, ассистенти кафедраи психологияи Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон Ҷонибек Ҷӯрабой хулосаи равонӣ дар асоси Замимаи 4 Протоколи Истамбулӣ омода гардид. Хулоса дар ҳамкории наздик бо Парвина Наврузова, коршиноси миллӣ оид ба стандартҳои Протоколи Истамбулӣ, бо дархости ГКҲ барои пешниҳоди даъво ба суд оид ба ҷуброни зарар маънавии ҷавбрдидаи шиканҷа А омода карда шудааст. К.

## 3.2. КӮМАКИ ҲУҚУҚӢ

Фаъолияти Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқӣ (ГКҲ) ба пешбурди ташаккули низоми вокуниши самаранок ба арзҳо оиди шиканҷа ва муносибати бераҳмона ва механизми мустақили тафтишоти шиканҷа дар Тоҷикистон, инчунин ба ҳамоҳангсозии фаъолият оид ба расонидани кӯмаки амалии ҳуқуқӣ ба қурбониён ва аъзоёни оилаи онҳо равона шудааст.

Вазифаҳои асосии ГКҲ аз инҳо иборат мебошанд:

- муайян намудани миқёси паҳншавии шиканҷа ва муносибати бераҳмона;
- муайян намудани тартибот ва механизми ҳуҷҷатгузории шиканҷа ва муносибати бераҳмона, пешниҳоди кӯмаки ҳуқуқӣ ба қурбониёни шиканҷа ва/ё ба хешовандони онҳо, гузаронидани мурофиаҳои судии стратегӣ;
- таҳияи қоидаҳо ва шартҳои ҳамкорӣ бо адвокатҳо оиди расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ ба қурбониёни шиканҷа ва/ё хешовандони онҳо;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилотҳои узви Эътилоф оиди расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ ба қурбониёни шиканҷа ва/ё хешовандони онҳо;
- пешбурди ташаккули механизмҳои вокуниш ва тафтишоти самараноки шиканҷа.

Котиботи ГКҲ аз ҳамоҳангсоз, ду мутахассис оид ба ҳуҷҷатгузорӣ ва ду ҳуқуқшинос оид ба масъалаҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона иборат аст. Инчунин, ба кор мушовир оид ба масъалаҳои ҳуҷҷатгузории тиббии шиканҷа аз рӯи стандартҳои Протоколи Истамбулӣ (ПС) ҷалб карда мешавад.

Дар соли 2021 фаъолияти ГКҲ аз ҳисоби манбаҳои зерин дастгирӣ карда мешуд:

1. "Муқовимат ба шиканҷа дар Тоҷикистон", ки аз ҷониби Комиссияи Аврупо ва Хазинаи Ҳелсинки оид ба ҳуқуқи инсон аз 1 март то 31 декабри соли 2021 маблағгузорӣ карда мешавад.
2. Дафтари барномавии САҲА дар Тоҷикистон дар доиаи барномаи "Дастгирии Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон" аз 1 апрел то 6 октябри соли 2021.
3. Хазинаи Зигрид Раузинг Траст аз 6 октябр то 31 декабри соли 2021

Дар соли 2021 ГКҲ фаъолиятро идома дод, ки ба иҷро намудани корҳои зерин равона шуда буд:

- ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои истифодаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона, пешниҳоди кӯмаки ҳуқуқӣ ба қурбониёни шиканҷа, ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила, пешбурди мурофиаҳои судии стратегӣ. Ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа ва ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила ба Эътилоф имкон медиҳад, ки дар бораи вазъи шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар кишвар маълумоти бевосита ба даст орад, дар ҳоле ки пешбурди мурофиаҳои судии стратегӣ имкони ноил шудан ба ташаккули амалияи устувори татбиқи меъёрҳои қонунгузорӣ дар бораи ҳимояи қурбониёни шиканҷа, инчунин амалияи пардохти ҷубронпулӣ ба қурбониёни шиканҷа тибқи стандартҳои байналмилалиро фароҳам меорад;
- омодасозии ҳуҷҷатҳо барои сохторҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон якҷоя бо Гурӯҳи таҳлилии Эътилоф;

- омодасозии маводи иттилоотӣ ва маърифатӣ ва паёмҳо оид ба парвандаҳои алоҳида, қонунгузорӣ ва амалияи истифодаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона якҷоя бо гурӯҳи расонаии-Эътилоф.

**Тамоюлҳои мусбӣ:**

1. Рӯзи 17 июни соли 2021 Суди олӣ аз рӯи парвандаи ҷиноятӣ нисбати кормандони собиқи мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон, ки ба содир кардани як қатор ҷиноятҳо, аз ҷумла шиканҷа нисбати сокини Турсунзода Ҳасан Ёдгоров (кейси Эътилоф), ҳукми айбдоркунӣ баровард. Ҳасан Ёдгоров дар соли 2017 дар муддати ним сол бо айби куштор дар тавқифгоҳи тафтишотӣ қарор дошта ва пас аз дастгир шудани қотили ҳақиқӣ озод карда шуд. Вай ба шиканҷа дар шуъбаи милитсия тоб наоварда дар бораи иқрори гуноҳ нишондод додааст. Ш. Азизов – ваколатдори оперативии калони шуъбаи милитсияи шаҳраки “Пахтаобод”-и ш. Турсунзода, С. Давлатмуродзода – ваколатдори оперативии калони ҷусутҷӯи ҷиноятии ШВКД ш. Турсунзода, Э. Наимов – ваколатдори оперативии калон оид ба парвандаҳои махсусан муҳими Раёсати ҷустуҷӯи ҷиноятии ВКД ТҶ аз рӯи моддаи143 эзоҳ. гунаҳгор дониста шуданд.
2. Дар амалияи судӣ парванда барои тафтиши иловагӣ бо асосноккунии ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани роҳбарияти ШВКД, судяе, ки дар бораи ҳабси маъмурӣ қаолр баровардааст, муфаттише, ки парвандаи ҷиноятиро таҳқиқ кардааст, баргардонида шуд. Дар рафти мурофиаи судӣ судя дар бораи тағйир додани чораи пешгирӣ нисбати яке аз судшавандагон қарор баровард ва ӯро дар толори суд ба ҳабс гирифт.
3. Амалияи ворид кардани аризаҳои даъвогӣ ба судҳои юрисдиксияҳои гуногун оид ба ҷуброни зарари маънавӣ идома меёбад. Аз ҷумла, дар моҳи марти соли 2021 суди ҳарбии гарнизони Душанбе Вазорати корҳои дохилӣ ва Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистонро уҳдадор кард, ки ба манфиати ҳамсар ва фарзандони сокини Ашт Комил Хоҷаназаров (кейси Эътилоф), ки пас аз шиканҷа аз ҷониби кормандони ин идораҳо худкушӣ кардааст, ҷуброн пардохт намоянд. Қарори суд иҷро шудааст.
4. Шумораи муроҷиатҳое, ки аз рӯи онҳо хизматрасониҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби мутахассисон оид ба ҳуҷҷатгузорӣ пешниҳод карда мешаванд, меафзояд. Мутахассисон талош мекарданд, ки ба ҷазои маъмурӣ ва чораи интизомӣ нисбати шахсоне, ки дар муносибати бераҳмона ва таҳқиркунандаи шаъну шараф гунаҳгор мебошанд, ноил гарданд.

### 3.2.1. Ҳуҷҷатгузории далелҳои шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона

Дар давраи аз 1 январ то 31 декабри соли 2021 аз ҷониби котиботи Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқӣ 24 муроҷиатҳо оиди масъалаҳои истифодаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона, аз ҷумла 5 муроҷиат аз занон, ҳуҷҷатгузорӣ гардидааст.  Корҳо аз рӯйи 9 парвандаи солҳои гузашта идома дода мешаванд.

| | **Минтақаҳо** | | | | **ҶАМЪ** |
|---|---|---|---|---|---|
| | Душанбе | НТМ | Вилояти Хатлон, ВМКБ | Вилояти Суғд | |
| Ҳамагӣ ҳуҷҷатгузорӣ гардиданд | 2 | 6 | 5 | 11 | **24** |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Адвокат пешниҳод гардид | 1 | 5 | 3 | 3 | **13** |
| Дастгирии ҳуқуқӣ | 1 | | 2 | 4 | **7** |
| Мониторинги кори адвокатҳо | | | | 3 | **3** |
| Дар марҳилаи ҳуҷҷатгузорӣ аз кӯмаки ҳуқуқӣ даст кашиданд | | 1 | | 1 | **3** |

**Намудҳои асосии поймолкунии ҳуқуқи инсон дар ҷараёни ҳабс ва гузаронидани тафтишот**: боздошти ғайриқонунӣ ва худсарона; зӯроварии ҷисмонӣ дар шакли лату кӯб, шиканҷа бо ҷараёни электрикӣ; таҳдидҳои таҷовуз ба номуси худи қурбонӣ ва/ё аъзоёни оила; тарсондан бо нигоҳдорӣ дар ҳабс.

Шиканҷа ва муносибати бераҳмона бо мақсади ба даст овардани иқроршавӣ, ҷазо додан барои амалҳои муайян ё ҳамчун чораи ромкунӣ ва таҳқири шаъну шарафи шахсият истифода бурда мешаванд.

**Гурӯҳҳои синнусолии қурбониён:**

19-21: 1 нафар
22-34: 9 нафар
35-45: 7 нафар
46-60: 6 нафар
60 ва калонтар: 1 нафар.

Аризаҳо оиди истифодаи шиканҷа ба **мақомоти давлатии зерин ворид гардиданд:**

- Мақомоти корҳои дохилӣ – 21
- СРИҶҶ ВА ҶТ – 1
- Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 1

**Машваратҳои ҳуқуқӣ**

Мутахассисон оид ба ҳуҷҷатгузории шиканҷа: Дар ГКҲ се телефони тамоси фаврӣ амал мекунанд, ки бо онҳо қурбониёни шиканҷа муносибати бераҳмона ва хешовадони онҳо метавонанд занг зананд ва кӯмаки ҳуқуқӣ гиранд: дар вилояти Суғд (987873333), дар вилояти Хатлон (987876666), дар Душанбе ва НТҶ (987087676). Телефонҳо 24 соат, аз ҷумла дар рӯзҳои истироҳат ва ид дастрас мебошанд.

187 машварати шифоҳӣ пешниҳод гардид, 59 вохӯрӣ бо адвокатҳо ва 38 мушоиати ҳуқуқӣ ба Прокуратураи генералӣ, ДИП, ВҲИ, ВКД, аз ҷумла Хадамоти амнияти ВКД гузаронида шуданд.
Ташкилотҳои узви ГКҲ нисбати шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф машваратҳо пешниҳод намуданд: аз ҷониби ТҶ "Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон" 1 парванда ҳуҷҷатгузорӣ шуд ва кор аз рӯи се парвандаи солҳои қаблӣ идома дода шуд, 85 машварат гузаронида шуд, аз рӯйи 4 парванда оиди шиканҷа ва муносибати бераҳмона хизматрасониҳои адвокат пешниҳод гардид ва 73 ҳуҷҷатҳои ҳуқуқию мурофиавӣ тартиб дод шуд.

**Мушоиатҳои ҳуқуқӣ**

- Аз номи модари маҳкумшуда М.А.Р. ба номи Президенти ҶТ дар бораи авф кардани писараш муроҷиат омода карда шуд, ки он ба СРИҶҶ ВА ҶТ аз нав равона карда шуд. Рӯзи 25.01.2021 аз номи модари маҳкумшуда ба СРИҶҶ ВА ҶТ ариза дар бораи ҳолати бади писари ӯ ва бо дархости ба муассисаи тиббӣ гузаронидани писараш ариза омода карда шуд. Дар мактуби ҷавобии худ СРИҶҶ ВА ҶТ хабар дод, ки ба маҳкумшуда М.А.Р. кӯмаки тиббӣ расонида шуд.
- Д. И. рӯзи 28.05.2020 аз ҷониби кормадони милитсия латукӯб шуд. Кормандони ГКҲ дар бораи ин ҷиноят ба ПГ ҶТ ариза тартиб доданд. Ариза ба прокуратураи н. Дӯстӣ равона карда шуд, дар бораи рад намудан дар оғоз кардани ПҶ (ҚДОПҶ) қарор баровард, ки пас аз он нисбати ҚДОПҶ ба ПГ ҶТ шикоят ворид карда шуд; шикоят ба прокуратураи вилояти Хатлон равона карда шуд, прокуратураи вилоят ҚДОПҶ-ро бекор кард ва ба прокуратураи н. Дӯстӣ барои тафтиш равона кард. Прокуратураи н. Дӯстӣ дубора ҚДОПҶ содир намуд. Аз болои қарор ба тариқи судӣ шикоят оварда шуд. Дар натиҷаи фаъолияти ГПП, прокуратураи ш. Дӯстӣ хабар дод, ки нисбати кормандони милитсия: Одинаев С. парвандаи ҷиноятӣ аз рӯи м. 237 қ.3 КҶ ҶТ (авбошӣ) парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуд, нисбати Қурбонов Б. ва Ҳакимов М. санҷиш идома дорад. Рӯзи 16 июни соли 2021 суди н. Дӯстӣ нисбати Одинаев С. аз рӯи м. 237 қ.3 КҶ ҶТ ҳукм баровардa шуд ва ба вай ҷазо дар намуди маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати 5 сол таъин карда шуд, аммо бо истифодаи м. 72 КМҶ ҶТ ҷазо бо ҷазои шартӣ иваз карда шуд.
- Донишҷӯи Донишгоҳи тиббӣ, шаҳрванди Финляндия Ш.М. аз ҷониби сардори шуъбаи ҳифзи тартиботи ҷамъиятии ШКВД ҶТ дар ноҳияи И.Сомонии ш. Душанбе Ализода Муҳаммадҷон ва нозири минтақавӣ Иброхимзода Азамат мавриди тамаъҷӯӣ ва таҳдид қарор гирифт. Ҳодиса рӯзи 20.10.2021 рӯй дод. Дар натиҷа аз Ш.М. 1880 сомонӣ ва 300 доллари ИМА мусодира карда шуд. Дар натиҷаи шикоятҳо дар асоси мактуби РВКД ш. Душанбе таҳти рақами 36 / 32-8301 аз 11.11.2021 г. барои паст задани шаъну шараф ва эътибори корманди милитсия кормандони дар боло зикршуда аз вазифаи ишғолнамудаашон озод карда шуданд. Моҳи декабри соли 2021 ба ПГ ва ВКД аризаҳо оид ба баргардонидани пуле, ки бо роҳи таҳдид гирифта шуда буд, пешниҳод карда шуданд. ХА ВКД ҶТ тафтиши дохилӣ анҷом дода, дар моҳи январи соли 2022 аз ҷабрдида маъзарати расмӣ пурсида шуд ва вай аз шикояти минбаъда даст кашид.

Аз ҷониби коршинос оид ба стандартҳои Протоколи истамбулӣ марбут ба масъалаҳои ҳуҷҷатгузории далелҳои шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона тибқи стандартҳои Протоколи Истамбулӣ кӯмаки коршиносӣ расонида шуд. Кӯмаки машваратӣ аз гузаронидани таҳлили ҳуҷҷатҳои тиббӣ, таҳияи дархост оиди таъин намудани ташхиси маҷмӯӣ, таҳияи стратегияи ҷамъоварии далелҳои тиббӣ дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ ва пас аз оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба истифодаи далелҳои шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона, иборат буд.

- Омӯхтани ҳуҷҷатҳои тиббӣ (хулосаи ташхиси судӣ-тиббӣ ва ҳуҷҷатҳои тиббӣ) - 5;
- Таҳлили аксҳои ҷасад -24;
- Мусоидат намудан ба адвокат ҳангоми тартиб додани дархост оид ба таъини экспертизаи судӣ-тиббӣ бо эксгуматсияи ҷасад-1;
- Кӯмаки коршиносӣ ба адвокат рид ба масъалаҳои ҷамъоварии исботҳои тиббӣ - 1;

- Тартиб додани саволҳо барои дархости адвокат оиди таъин намудани ташхис ва таҳия намудани стратегия оид ба ҳуҷҷатгузории тиббӣ - 1;
- Саволҳо ба адвокат барои пурсиши коршиноси суддӣ-тиббӣ таҳия карда шуданд-1;
- Кӯмаки коршиносӣ дар тартиб додани дархост дар бораи таъин кардани экспертизаи тиббӣ-судӣ аз рӯи хулосаҳои қаблӣ– 1;
- Тартиб додани дархост дар бораи таъин кардани эксгуматсияи ҷасад – 1;
- Кӯмаки коршиносӣ дар тартиб додани дархост дар бораи таъин кардани экспертизаи равоншиносӣ-равонпизишкӣ – 2;
- Таҳлили протоколи азназаргузаронии ҷои ҳодиса-1;
- Кор бо равоншинос оид ба тартиб додани арзёбии пешакӣ ва такмилдиҳӣ-1;
- Таҳлил ва омӯхтани арзёбии пешакии равоншинос ва хулосаи равоншинос- 3;
- Кӯмаки коршиносӣ ба адвокат дар тартиб додани саволҳо ба равоншинос аз рӯи хулосаи пешниҳодшуда- 1;
- Иштирок дар таҳияи стратегияи адвокат оид ба ҳуҷҷатгузории тиббӣ дар рафти вохӯрии муштарак бо адвокат ва ГКҲ- 2;
- Машваратдиҳӣ ба мутахассис оид ба ҳуҷҷатгузорӣ дар бораи масъалаҳои пешниҳоди кӯмаки тиббии босифат дар колония-1;

Аз ҷониби мушовир тибқи муроҷиатҳои мутахассисон оид ба ҳуҷҷатгузорӣ аз рӯи муроҷиатҳои нав ва ҷорӣ кӯмаки коршиносӣ пешниҳод карда шуд.

Ташкилотҳои узви ГКҲ нисбати шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф машваратҳо пешниҳод намуданд.
Аз ҷониби ТҶ "Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон" ҳаққи хизматрасонии адвокатҳо барои 4 парванда оид ба шиканҷа МБ пардохт карда шуд, 23 машварат гузаронида шуд, ва 21 ҳуҷҷатҳои ҳуқуқию мурофиавӣ тартиб дод шуд.

**Машғулиятҳои иттилоотӣ:**

1. Дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳияҳои Ашт, Деваштич, Ҷ. Расулов, шаҳрҳои Гулистон, Бӯстон, Исфара ва Конибадом бо мақсади ошкор сохтани парвандаҳо оид ба шиканҷа ва баррасии имконияти ҳамкории минбаъда бо адвокатҳо ва иштироки онҳо дар парвандаҳои марбут бо шиканҷа ва муносибати бераҳмона вохӯриҳо бо адвокатҳо баргузор гардиданд. Мутахассис оид ба ҳуҷҷатгузорӣ ба адвокатҳо дар бораи фаъолияти Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқии Эътилоф бар зидди шиканҷа дар Тоҷикистон маълумот дод. Дар байни адвокатҳо маҷмуаҳо паҳн карда шуданд, ки шомили санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба масъалаҳои шиканҷа ва муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва варақаҳои Эътилоф мебошанд. https://notorturetj.org/legal/gpp-provela-vstrechu-s-advokatami-sogda-1
2. Дар вохӯрӣ аз 10 сентябри соли 2021 адвокатҳо муқаррароти моддаи 14 Конвенсияи СММ зидди шиканҷаро дар робита бо Эродҳои умумии № 3 (2012) муҳокима карданд, ки дар он қайд карда шудааст, ки ҳар як давлати узв уҳдадор аст, ки "дар низоми ҳуқуқии худ таъмин намояд, то қурбонии шиканҷа ҷуброн гирад ва дорои ҳуқуқи бо ҳукми қонунӣ тасдиқшуда ба ҷуброни одилона ва кофӣ, аз ҷумла, маблағҳо барои офиятбахшии то ҳадди имкон пурра бошад". Дар амал ҳангоми баррасии даъвоҳои ҷубронӣ усулҳои возеҳ ва фаҳмои муайянкунии ҳаҷми пардохтҳои ҷубронӣ вуҷуд надорад. Тибқи қонунгузории амалкунанда, судҳо дараҷаи азияти ҷисмонӣ ва рӯҳиро аз рӯи эътиқоди ботинии худ муайян менамоянд. Адвокатҳо қайд карданд, ки дар баъзе ҳолатҳо мақомоти судӣ кӯшиш мекунанд, ки ҷавобгарӣ барои шиканҷаро

ба шахси алоҳида вогузор кунанд, ки ҳамчун шахси мансабдор онро истифода кардааст. Ҳамин тариқ вазорат/идорае, ки дар он чунин ҷиноят бо сабабҳои гуногун имконпазир гаштааст, ҳимоя карда мешавад. Дар охири вохӯрӣ оид ба се парванда, ки аз рӯи онҳо аллакай бо моддаҳои 143.1 «Шиканҷа» ва 322 «Хунукназарӣ» КҶ ҶТ ҳукмбароварда шудааст, бо назардошти муҳокимаҳо, як қатор тавсияҳо барои амалҳои минбаъда, аз қабили талаб кардани раддия дар ВАО оид ба маълумоти қаблан пешниҳодшуда, пешниҳоди дархостҳо дар бораи гузаронидани ташхисҳои маҷмуӣ ва ғайра пешниҳод карда шуданд. https://notorturetj.org/news/kompensacionnye-iski-zhertvam-pytok-i-zhestkogo-obrashcheniya-mezhdunarodnye-standarty-i

3. Рӯзи 22 ноября соли 2021, дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд вохӯрии кории машваратӣ бо адвокатҳои вилоят дар мавзуи "Муҳокимаи стандартҳои байналмилалӣ ва миллии ҷуброни зарари маънавӣ ба қурбониёни шиканҷа ва муносибати бераҳмона" баргузор гашт, ки дар он 19 нафар адвокатҳо, аз ҷумла 10 нафар занон иштирок намуданд. https://notorturetj.org/legal/obsuzhdenie-mezhdunarodnyh-i-nacionalnyh-standartov-vozmeshchenie-moralnogo-vreda-zhertvam

4. Рӯзи 29 ноябри соли 2021 Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқии Эътилоф бо адвокатҳо дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон вохӯрии корӣ баргузор намуд, ки дар он 18 нафар адвокатҳо, аз ҷумла 8 нафар занон-адвокатҳо иштирок намуданд. Дар вохӯрӣ муқаррароти моддаи 14 Конвенсияи СММ зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шарафро дар робита бо Эродҳои умумии № 3 (2012) муҳокима карданд, ки дар он қайд карда шудааст, ки ҳар як давлати узв уҳдадор аст, ки "бояд дар низоми ҳуқуқии худ таъмин намояд, ки қурбонии шиканҷа ҷуброн гирад ва дорои ҳуқуқи бо ҳукми қонунӣ тасдиқшуда ба ҷуброни одилона ва кофӣ, аз ҷумла, маблағҳо барои офиятбахшии то ҳадди имкон пурра бошад". https://notorturetj.org/legal/prodolzhayutsya-serii-vstrech-v-regionah-s-advokatami-po-obsuzhdeniyu-voprosov-vozmeshcheniya

**Мониторинги маҷлисҳои судӣ**

Дар давраи ҳисоботӣ 23 мушоҳидаҳои маҷлисҳои судӣ аз рӯи 4 парванда анҷом дода шуданд.

Хулосаҳои асосӣ аз инҳо иборат буданд:

- Аз 23 маҷлисҳои судӣ, танҳо 5 маҷлис дар вақти эълоншуда оғоз шуданд. Сабаби таъхир дар аксар ҳолатҳо шарҳ дода намешуд.
- Дар 7 ҳолат ҷадвали баррасии парвандаҳои судӣ дар тахтаи бинои суд ё дар сомонаи судҳо ҷойгир карда нашуда буд, ки аз ин сабаб дастрасӣ ба маълумот дар бораи ҷараён маҳдуд буд. Барои алоқа бо суд, ҷустуҷӯи котиб, аниқ кардани сана ва вақти маҷлиси судӣ захираҳо (вақт, маблағ барои зангҳо) лозим меомаданд.
- Ҳуқуқҳои мурофиавии тарафҳо маҳдуд карда мешуданд, аз ҷумла, маҳдудсозии ҳуқуқ ба пурсиши шоҳид қайд карда мешавад.
- Айбдоршавандагон аз рӯи парвандаи Ёдгоров Х. ва Нарзиқулова Ш. - собиқ кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мунтазам бо интиқоми ҷисмонӣ таҳдид мекарданд, нисбати ҷабрдидагон суханҳои таҳқиромез гуфта, ба ин тариқ фишор меоварданд. Суд на ҳамеша ба чунин рафтор монеъ мешуд.

- Баррасии парвандаҳо дар утоқҳои судяҳо баргузор мегардад, ки ба талаботи мурофиаи судии кушода ҷавобгӯ нестанд.
- Дастрасӣ ба бинои суд барои шахсони дорои маъюбият ва камҳаракат маҳдуд аст: пандусҳо, лифтҳо мавҷуд нестанд. Вуруд ба худи бино аз зинапоя сар мешавад. Мушоҳидон набудани ҷойҳои нишаст барои интизор шудани оғози мурофиаро қайд намуданд, ҳоҷатхонаҳои мавҷуда барои ташрифоварандагони судҳо баста мебошанд, онҳоро танҳо судя ва кормандони судҳо истифода мебаранд, оби нӯшокӣ нест.
- Мушоҳидон инчунин қайд карданд, ки дар биноҳои суд шароитҳо фароҳам оварда нашудааст: дар фасли зимистон толорҳои судӣ гарм карда намешаванд ва иштирокчиён маҷбур мешаванд, ки бо либоси болоӣ нишинанд, дар мавсими тобистон толорҳо хунук карда намешаванд.
- Нобаробарии иштирокчиён: айбдоркунандаи давлатӣ (прокурор), котиби суд ва кормандони милитсия аз телефонҳои мобилии худ дар толори суд истифода мебурданд, ҳол он ки дигар иштирокчиёни раванди судӣ дар даромадгоҳ кофтуков гардида, телефонҳои мобилии онҳо мусодира карда шуданд. Ҷузвдонҳои адвокатҳо низ тафтиш карда мешаванд.

**Мониторинги ВАО**

Дар давраи ҳисоботӣ мониторинги ВАО, шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои мақомоти давлатӣ (сомонаи "Радиои Озодӣ", сомонаи агентии иттилоотии мустақил ASIA-Plus, шабакаи иҷтимоии Фейсбук, сомонаҳои идораҳои давлатӣ ва ғайра) оид ба ошкор сохтани мавод дар бораи далелҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона анҷом дода шуд:

- Гадозода М. дар ШВКД ш. Ваҳдат[7]. Суроға дар сомонаи ВКД ҶТ ошкор карда шуд, ки пас аз он ба ҷои истиқомати қурбонии эҳтимолии шиканҷа ташриф оварда шуд. Кейс ҳуҷҷатгузорӣ карда шуд ва ба оилаи марҳум хизматрасонии адвокат пешниҳод гашт.
- Каримов Нарзулло[8], ки аз кӯмаки ҳуқуқии ГКҲ Эътилоф даст кашид.
- Идибегов Имомалӣ[9], ки ҳамсари вай ба кӯмаки ҳуқуқӣ розӣ шуд, аммо минбаъд ба тариқи якҷониба аз ҳама гунҳ тамос даст кашид.
- Маҳингул Ҳалимова[10], мутахассиси ГКҲ мушоиати ҳуқуқии парвандаро анҷом медиҳад.
- Санҷиши ду мурочиати шаҳрвандони ҶТ, ки аз ФР ба Тоҷикистон тавассути ҳудуди Қирғизистон бармегаштанд. Тибқи иттилооти ВАО, шаҳрвандони ҶТ РТ дар фурудгоҳ аз дигар мусофирон ҷудо карда шуда, ба МБ дучор омаданд[11].
- Дадобоев О. бо хешовадони қурбонии эҳтимолии шиканҷа ва МБ воҳӯрӣ гузаронида шуд ва бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои Дадобоев О. адвокат ҷудо карда шуд[12].

---

[7] https://mvd.tj/index.php/ru/sobytiya/31158-gurekhtani-duzd-az-avobgarii-inoyat-2 https://www.ozodi.org/a/31197066.html
https://www.ozodi.org/a/31199636.html
https://www.ozodi.org/a/31199404.html

[8] https://www.ozodi.org/a/31223109.html

[9] https://www.ozodi.org/a/31205852.html

[10] https://www.ozodi.org/a/31229799.html?fbclid=IwAR2uUpj9_DCUw5NxQyL7vufN61jwN8poENJy-oAeFs0MxnF4QNYXFWlBpuM

[11]http://cccp.tj/tj/component/k2/item/8052-kurbonii-jaholati-kirgiz.html?fbclid=IwAR0BECZxgNyq6EAOXLMfwnUaj7jM79tyt_0ZjRR0HTviK19dfZU4Ak7Ybpk; https://www.facebook.com/permalink.php?story_fbid=

[12]https://irpco.bitrix24.ru/stream/?current_fieldset=SOCSERV#:~:text=10%3A27-,payom.net/to-iri-55-solai-hu-and-badi-latuk,10%3A54,-Enterhttps

ГКҲ бо намояндагони ВАО ҳамкорӣ дорад, ки тавассути онҳо суроғаҳо, телефонҳо, доираи шахсони ҷабрдида ва хешовандони онҳо барои амалҳои минбаъда оид ба ҳуҷҷатгузорӣ ва пешниҳоди кӯмаки ҳуқуқӣ дар ҳолатҳои шиканҷа ва МБ муқаррар карда мешаванд.

**Хазинаи ҳақмузд** барои расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ, ки ба қурбониёни эҳтимолии шиканҷа ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳо пешниҳод мегардад, бо мувофиқаи аъзоёни комиссия оиди тақсимоти Хазинаи ҳақмузд (4 нафар) ва ҳамоҳангсози Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқӣ сарф карда мешавад. Дар соли 2021 ба Хазинаи ҳақмузди Эътилоф 6 дархост оиди пешниҳод намудани хизматрасониҳои адвокат барои муроҷиатҳои нав, ки дастгирӣ шуда буданд, равона гардид.

Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқӣ 5 кейси стратегиро пайгирӣ мекунад, ки аз онҳо 4-то пайвандаи солҳои гузашта буда, як кейси стратегӣ, дар соли 2021 ба қайд гирифта шуд:

- Хоҷаназаров К.М. – ҷуброни зарари маънавӣ ба ҳамсар ва фарзандони ноболиғи марҳум (парванда анҷом ёфт), ки пас аз шиканҷа худкушӣ кард
- Нарзиқулова Шафоат – ҷуброни зарари маънавӣ дар натиҷаи истифодаи шиканҷа бар зидди ВКД ҶТ (парвандаи амалкунанда)
- Ёдгоров Ҳасан – ҷуброни зарари маънавӣ дар натиҷаи истифодаи шиканҷа бар зидди ВКД ҶТ (парвандаи амалкунанда)
- Гадозода М. – марг дар натиҷаи татбиқи шиканҷа (парвандаи амалкунанда)
- Солехов Х. – ҷуброни зарари маънавӣ дар натиҷаи истифодаи шиканҷа бар зидди ВКД .

**Нашрияҳо:**
Дар доираи фаъолияти ГКҲ маводи зерин омода ва дар сомонаи Эътилоф нашр карда шуд:

- Гулчеҳра Холматова, ТҶ "Дунёи ҳуқуқ": дар робита ба COVID-19 таъсиси гурӯҳи мобилиро оид ба ҳуҷҷатгузории далелҳои шиканҷа пешниҳод мекунам https://notorturetj.org/dialog/gulchehra-holmatova-oo-mir-prava-v- svyazi-s-covid-19-predlagayu-sozdat-mobilnuyu-gruppu-po220343599863095
- 11.02.2021 Мавод оид ба парвандаи Солеҳов Х.Ш. омода карда шуд «Суд даъво ва ҳуқуқи шаҳрвандро оиди рӯёнидани ҷуброни зарар аз давлат, рад кард». https://notorturetj.org/tj/news/sud-khukuki-konstitutsionii-shakhrvandro-oidi-ruyonidani-chubroni-zarar-az-davlat-rad-kard
- 11.03.2021 Мавод оид ба парвандаи Хоҷаназаров К. омода карда шуд "Ҳамсари қурбонии шиканҷа оид ба ҷуброни зарар ба суд муроҷиат кард". https://notorturetj.org/tj/news/khamsari-kurbonii-shikancha-oid-ba-chubroni-zarar-ba-sud-murochiat-kard
- Маълумот оид ба кейси Хоҷаназаров К. дар сомонаи Эътилоф омода карда шуд. "Фарзандони қурбонии шиканҷа ҷуброни зарар гирифтанд" https://notorturetj.org/tj/news/farzandoni-kurbonii-shikancha-chubroni-zarar-giriftand
- "Панҷ сол боз дар интизории адолат" https://notorturetj.org/news/pyatyy-god-v-ozhidanii-spravedlivosti
- Инфографика дар бораи ҳуқуқҳои асосии боздоштшудагон барои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, ки дар он кафолатҳои мурофиавии асосӣ оид ба дахолатнопазирии шахс нишон дода шудаанд. https://notorturetj.org/news/administrativnoe-zaderzhanie-chto-

nuzhno-znat?fbclid=IwAR0VZoThf2FbseCSdWd6j_tBWPt5MOioyvpj87mCsbucIlilQgYKRMsIrEA

- Варақаи иттилоотӣ "Шикояти хонаводаи марҳум Гадозода аз шиканҷа шудани фарзандашон". https://www.facebook.com/notorture.tj/photos/a.368397196616748/3739314939524940/ https://notorturetj.org/tj/news/shikoyati-honavodai-markhum-gadozoda-az-shikancha-shudani-farzandashon
- Таҳқиқоти журналистӣ "Ҳасан Ёдгоров – қурбонии шиканҷа, ки 4 сол адолати додгоҳӣ мехоҳад" https://notorturetj.org/tj/news/khasan-yodgorov-kurbonii-shikancha-ki-4-sol-adolati-dodgokhi-mehokhad
- Варақаи иттилоотӣ оид ба ҳукми айбдоркунии баровардашуда нисбати Ш. Азизов – ваколатдори оперативии шуъбаи милитсияи шаҳраки "Пахтаобод" ш. Турсунзода, С. Давлатмуродзода – ваколатдори оперативии ҷустуҷӯи ҷиноятии ШВКД ш. Турсунзода, Э. Наимова – ваколатдори оперативии калон оид ба парвандаҳои махсусан муҳим https://notorturetj.org/news/torzhestvo-spravedlivosti
- Даъво оиди ҷуброн ба қурбониёни шиканҷа ва муносибати бераҳмона: Стандартҳо ва амалияи байналмилалӣ оид ба ҷуброни зарар https://notorturetj.org/news/kompensacionnye-iski-zhertvam-pytok-i-zhestkogo-obrashcheniya-mezhdunarodnye-standarty-
- Истеҳсолот аз рӯи парвандаҳои ҷиноятии ноболиғон https://notorturetj.org/legal/proizvodstva-po-delam-o-prestuplenii-nesovershennoletnih
- Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқии Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон зидди шиканҷа ва беҷазоӣ санаи 1 октябр бо ҳуқуқшиносони шаҳрҳои Исфара ва Конибодоми вилояти Суғд вохӯриҳои корӣ доир намуд.. https://notorturetj.org/legal/gpp-provela-vstrechu-s-advokatami-sogda-1

## 3.3. ТАТБИҚИ ПРИНСИПҲОИ ИСТАМБУЛӢ БАРОИ ТАФТИШОТИ САМАРАНОКИ ТИББӢ ВА ҲУҶҶАТГУЗОРИИ ШИКАНҶА ВА МУНОСИБАТИ БЕРАҲМОНА ДАР ТОҶИКИСТОН

Фаъолият аз ҷониби Парвина Наврӯзова (ТҶ "Маркази ҳуқуқи инсон") ҳамоҳанг мегардад, ки ҳамчунин мутахассис оид ба Протоколи истамбулии Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқӣ мебошад.

ТҶ "Маркази ҳуқуқи инсон" дар давраи ҳисоботӣ якчанд лоиҳаҳоро дар самти ҷорӣ намудани стандартҳои Протокли истамбулӣ амалӣ намуд, аз ҷумла:

- "Ҷорӣ намудани стандартҳои Протоколи истамбулӣ дар фаъолияти Эътилоф бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ", лоиҳа аз ҷониби барномаи Авруосиёии Фондҳои Ҷомеаи Кушод - Бунёди Мадад дастгирӣ карда мешавад;
- "Идоракунии самаранок ва кор бо маҳкумшудагон барои ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ ва экстремистӣ ва пешгирии радикализатсия дар муассисҳои пӯшида" бо дастгирии Дафтари барномавмм САҲА дар доираи барномаи "Ислоҳоти низоми адолати ҳуқуқӣ";
- "Аз чораҳои зидди буҳронӣ – ба тағйироти низомҳо дар давраи COVID-19" дар шарокат бо "Созмони ҷаҳонӣ бар зидди шиканҷа" («СҶЗШ»), бо дастгирии молиявии Иттиҳоди Аврупо;
- Мусоидат ба баланд шудани сифати пешниҳоди кӯмаки равонӣ ва офиятбахшии шахсони маҳкумшуда, бо дастгирии Институти "Ҷамъияти Кушода" -Бунёди мадад дар Тоҷикистон.

**Ислоҳоти тандурустӣ дар зиндонҳо**

15 октябри соли 2021 бо фармони роҳбари СРИҶҶ ВА ҶТ нақшаи корӣ бо ТҶ "Маркази ҳуқуқи инсон" тасдиқ карда шуд, ки ба он масъалаҳои пешниҳоди кӯмаки равонӣ ба занони маҳбус, тақвияти қисми тиббии колонияи занона, аз ҷумла - хариди таҷҳизоти тиббӣ барои утоқи гинекологӣ ва табобати занони маҳбус, бозбинии Институти чораҳои ҷазои интизомӣ ва табобат\ғизодиҳии маҷбурӣ, таҳияи барномаҳои таълимӣ оид ба баланд бардоштани тахассуси кормандон ва дигар чорабиниҳои ташкилот дохил карда шудааанд.

Коршиносони миллӣ дар ҳайати равоншинос, корманди иҷтимоӣ, диншинос ва ҳуқуқшинос бо дастгирии коршиноси байналмилалӣ аз ташкилоти "Эмпатия", бо мақсади таҳияи барномаи офиятбахшии (тиббӣ, равонӣ, ҳуқуқӣ ва диншиносӣ) шахсони айбдоршаванда ва маҳкумшуда таҳлили муқоисавии санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилии низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо қонунгузории миллиро анҷом доданд. Дар айни замон барномаи офиятбахшӣ аз ҷониби коршиноси байналмилалӣ якҷоя бо коршиносони ТҶ "Маркази ҳуқуқи инсон" дар марҳилаи таҳия қарор дорад. Кор оид ба таҳияи ҳуҷҷат моҳи феврали соли 2022 ба анҷом мерасад.

Инчунин, барномаи нави таълимӣ ва модул дар мавзуи "Муқовимат ба терроризм ва экстремизм дар ҷойҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ" таҳия гардид. Мавзуъҳои омӯзиш ба қисмҳои ҳуқуқӣ, диншиносӣ ва равоншиносӣ тақсим карда шудаанд. Барнома ва модул ба забонҳои русӣ ва тоҷикӣ тарҷума шуданд ва ба Доншкадаи такмили ихтисоси назди ВА ҶТ пешниҳод карда шуданд.

**Дастгирии коршиносии аъзо ва шарикони Эътилоф дар ҳуҷҷатгузории шиканҷа ва муносибати бераҳмона тибқи стандартҳои СП.** Лоиҳа бо Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқии Эътилоф ва ташкилотҳои аъзои Эътилоф ҳамкорӣ мекунад. Дар соли 2021 кӯмаки коршиносӣ дар

гузаронидани таҳлили ҳуҷҷатҳои тиббӣ ва таҳияи стратегияҳо оид ба ҳуҷҷатгузории тиббӣ расонида шуд: 1-зан, 1-ноболиғ, 2-мард, аз онҳо 3 ҳолат бо оқибати фавт ва 1 ҳолати таҷовуз ба номуси ноболиғ (муфассалтар дар фасли Кӯмаки ҳуқуқӣ).

**Такмили замимаи мобилӣ ва Бот дар Телеграм (дастрасӣ барои қурбониёни зӯроварӣ ва мутахассисон).**
Муҳтавои замимаи мобилӣ ва Бот дар Телеграм ба ду қисми асосӣ тақсим карда шудааст: барои қурбониён ва барои коршиносон. Муҳтаво барои ҳар як фасл тағйир ва такмил дода шудааст. Барои мутобиқсозии замима 8 вохӯриҳои корӣ бо адвокатҳо, қурбониёни зӯроварӣ дар оила ва шиканҷа дар ш. Хуҷанд (вилояти Суғд), дар ш. Бохтар (вилояти Хатлон) ва дар ш. Душанбе гузаронида шуданд.

**Омӯзишҳо барои кормандони муассисаҳои ислоҳӣ ва ТТ СРИҶҶ ВА ҶТ**
Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи ҶТ якҷоя бо Эътилоф бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон, аз моҳи март то июни соли 2021 11 омӯзишҳо барои 275 кормандони муассисаҳои пӯшидаи низоми пенитенсиарӣ дар Душанбе, Норак, Хуҷанд, Бохтар баргузор намуданд. Омӯзишҳо бо дастгирии Хазинаи Зигрид Раузинг Траст ташкил карда шуданд.

Омӯзишҳо дар мавзуи: "Хусусиятҳои нигоҳдорӣ ва дастгирии равонии маҳкумшудагон (ва инчунин маҳкумшудагон аз рӯи моддаҳои дорои хусусияти террористӣ ва экстремистӣ) тибқи қонунгузории миддӣ ва стандартҳои байналмилалӣ (Конвенсия бар зидди шиканҷа, Қоидаҳои Мандела, Қоидаҳои Пекин, Қоидаҳои Бангкок ва Протоколи Истамбулӣ).

Дар омӯзишҳо 275 кормандони муассисаҳои пӯшида аз муассисаҳои ислоҳии гуногун ва шаҳрҳои гуногуни кишвар, аз ҷумла кормандони тиббӣ, сардорони отряд, кормандони қисми фаврӣ ва реҷавӣ, кормандони қисми тарбиявӣ ва равоншиносон иштирок намуданд.

**Расонидани кӯмаки тиббӣ ва равонӣ ба занони маҳбус оид ба масъалаҳои солимии репродуктивӣ, COVID-19 ва дигар бемориҳо.**
Дар айни замон дар низоми пенитенсиарӣ барномаи давлатии офиятбахшии шахсони маҳбус ва дастурамалҳои амалӣ барои офиятбахшӣ ва табобат мавҷуд нестанд. Дар моҳи ноябри соли 2021 аз ҷониби равоншинос дар доираи лоиҳа ба 13 занони маҳбус кӯмаки равонӣ расонида шуд (13 сӯҳбатҳои шиносоӣ, ду машварати такрорӣ, оғози сеансҳои машваратдиҳӣ), ки давомнокии миёна ҳар кадоме то якуним соат буда, вақти машваратҳо аз рӯи омодагии маҳкумшудагон ба сӯҳбат ва эҳтиёҷи онҳо ба кӯмаки равонӣ танзим карда мешуд. Ҷадвали ташрифҳои равоншинос ба колонияи занона бо роҳбари колония дар рӯзҳои панҷшанбе, ҷумъа, шанбеи ҳар моҳ аз ноябри соли 2021 то апрели соли 2022 мувофиқа карда шуд.

## 3.4. ИНЪИКОСИ МАСОИЛИ ШИКАНҶА ДАР ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММА

Эътилоф ба кор бо ВАО оид ба инъикоси масоили шиканҷа ва ташкили сиёсати "таҳаммули сифрӣ" нисбати шиканҷа аҳамияти баланд медиҳад. Тавзеҳи ҳолатҳои инфиродии истифодаи шиканҷа ва рафти чараёни судӣ ба ҷалби таваҷҷуҳи кулли ҷомеа, мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҳифзи ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалӣ ба масъалаҳои мазкур ва муттаҳидсозии талошҳои онҳо дар мубориза бо шиканҷа ва беҷазоӣ мусоидат менамояд.

Кори гурӯҳи расонаӣ ба тавзеҳи мунтазами фаъолияти Эътилоф, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ ва ҷалби аҳолӣ ба мубориза бар зидди шиканҷа тавассути ВАО равона гардидааст. Гурӯҳи расонаӣ намояндагони созмонҳои аъзои Эътилоф ва рӯзноманигорони алоҳидаро муттаҳид месозад. Котиботи гурӯҳи расонаӣ аз ҳамоҳангсоз, се мутахассис оид ба инъикоси масоили шиканҷа ва як мутахассиси ТИК иборат аст.

Дар соли 2021 фаъолияти гурӯҳи расонаӣ бо дастгирии молиявии зерин амалӣ мешуд: дар доираи лоиҳаҳои "Тақвият додани амалҳо оид ба пешгирии шиканҷа ва дастгирии ташкилотҳои ҳомии ҳуқуқ дар Тоҷикистон", ки аз ҷониби Комиссияи Аврупо ва Хазинаи Ҳелсинки оид ба ҳуқуқи инсон маблағгузорӣ мешавад ва "Дастгирии Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон", ки аз ҷониби Хазинаи Зигрид Раузинг Траст маблағгузорӣ мешавад.

**ИҚДОМҲО, НАМОИШИ АКСҲО, ЧОРАБИНИҲОИ ОММАВӢ**

**ИҚДОМҲО ВА МАЪАРАКАҲО "МАН ТАРАФДОРИ АЗ БАЙН БУРДАНИ ШИКАНҶА ҲАСТАМ!"**, ки ба Рӯзи байналмилалии дастгирии қурбониён шиканҷа, 26 июн, бахшида шудаанд.

Аз 26 май то 26 июни соли 2021 Эътилоф як силсила чорабиниҳоро дар доираи иқдоми "Ман тарафдори аз байн бурдани шиканҷа ҳастам!" баргузор намуд[13]. *Ҳангоми гузаронидани тамоми чорабиниҳо тавсияҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ риоя карда мешуданд– иштирокчиён воситаҳои муҳофизати шахсӣ аз COVID-19-ро (ниқобҳо, дастпӯшакҳо, антисептикҳо ва риояи фосилаи иҷтимоӣ) истифода мебурданд.*

Маълумот дар бораи чорабиниҳои баргузоршуда дар сомонаи Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон https://notorturetj.org/ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ҷойгир карда шуданд, ки бо хэштегҳои зерин ҳамроҳӣ мешаванд:

#МанТарафдориАзБайнБурданиШиканҷаҲастам!
#ЯзаИскоренениеПыток!
#IamForTheEliminationofTorture!

**Даъвати асосии иқдом: Вазъро чӣ гуна беҳтар кардан лозим аст? Танҳо як ресепт ҳаст – ХОМӮШ НАИСТОДАН!**
*Ба қурбониён – таҳаммул накардани зӯроварӣ ва муносибати ғайриинсонӣ, ифшо кардани чунин ҳолатҳо, ҳимоя намудани эътибори худ.*
*Ба журналистон ва ҳомиёни ҳуқуқ расонидани кӯмаки касбӣ ба ҷабрдидагон, сухан гуфтан дар бораи мушкилот.*
*Ба давлат - таъмин намудани манъи мутлақи шиканҷа ва уҳдадории ба тариқи судӣ таъқиб кардан ва ҷазо додани гунаҳгорон.*

Футболкаҳо ва бейсболкаҳо бо шиори: Ман тарафдори аз байн бурдани шиканҷа ҳастам! (Я за искоренение пыток!, I am for the elimination of torture!) омода карда шуданд

[13] Чорабиниҳо бо дастгирии молиявии Лоиҳаи БРСМММ "Волоияти қонун ва дастрасӣ ба адолати судӣ", Институти "Ҷамъияти кушода - Бунёди мадад" дар Тоҷикистон, OSIAF HRI, Комиссияи Аврупо, Хазинаи Зигрид Раузинг ва Хазинаи Ҳелсинки оид ба ҳуқуқи инсон гузаронида шуданд.

бо логотипҳои Эътилоф ва БРСМММ[14], ки дар вақти чорабиниҳои Эътилоф ройгон тақсим карда мешуданд.







### Пахши мустақими радиоӣ: "Ман тарафдори аз байн бурдани шиканҷа ҳастам!"[15]



Барномаи радиоӣ рӯзи 28 апрели соли 2021 дар радиои Asia-Plus дар барномаи "Меҳмон дар студия" бо баранда Орзу Исоев баргузор шуд ва ба пешрафт дар иҷрои тавсияҳои Кумита бар зидди шиканҷа бахшида шудааст. Коршиносон инчунин ба саволҳои шунавандагони радио ҷавоб доданд**.** Дар ҳамин мавзуъ рӯзи 30 апрели соли 2021 видеоподкаст бо барандаи радио Манижа Қурбонова баргузор гашт. Ба сифати коршиносон Абдураҳмон Шарипов, узви Эътилоф, ва Гулгуна Шозодаева, ҳуқуқшиноси Ташкилоти ҷамъиятии "Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон" https://agacelebir.com/afu.php?zoneid=3601336&var=2579647бaромад намуданд.

### Дар мавҷи шабакаи радиоии "Ватан" барнома бахшида ба Рӯзи байналмилалии дастгирии қурбониён шиканҷа баргузор шуд[16]




Рӯзи 14 июн дар мавҷи шабакаи радиоии "Ватан" барномаи бахшида ба рӯзи 26 июн – Рӯзи байналмилалии СММ оид ба дастгирии қурбониён шиканҷа пахш шуд[17].

Мутахассисони Гурӯҳи кӯмаки ҳуқуқии Эътилоф дар бораи кори худ, тағйироти прогрессивӣ нақл карданд, ки Тоҷикистон бо мақсади аз байн бурдани шиканҷа ва беҷазоӣ дар кишвар анҷом медиҳад ва ба саволҳои шунавандагони радио ҷавоб доданд. Барномаро дар пайванди зерин гӯш кардан мумкин аст:

---

[14] Лоиҳаи БРСМММ "Волоияти қонун ва дастрасӣ ба адолати судӣ"

[15] Гузаронидани чорабиниҳо бо дастгирии молиявии Лоиҳаи БРСМММ "Волоияти қонун ва дастрасӣ ба адолати судӣ" (UNDP) имконпазир гашт.

[16] https://notorturetj.org/news/v-efire-radiostancii-vatan-sostoyalas-peredacha-posvyashchennaya-mezhdunarodnomu-dnyu-v

[17] Барнома бо дастгирии лоиҳаи "Тақвият додани амалҳо оид ба пешгирии шиканҷа ва дастгирии ташкилотҳои ҳомии ҳуқуқ дар Тоҷикистон", ки аз ҷониби Комиссияи Аврупо ва Хазинаи Ҳелсинки оид ба ҳуқуқи инсон маблағгузорӣ мешавад, омода карда шуд.

https://notorturetj.org/audio/beseda-o-pytkah-s-gruppoy-pravovoy-pomoshchi-koalicii-protiv-pytok-i-beznakazannosti-v

**Машваратҳои ҳуқуқии сайёри ройгон**[18]
Рӯзи 7 майи соли 2021 Эътилоф якҷоя бо дафтари Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон дар чор ноҳияи шаҳри Душанбе машваратҳои ҳуқуқии сайёри ройгон гузарониданд.







Машваратҳои ҳуқуқии ройгон ба шаҳрвандон аз ҷониби ҳуқуқшиносон ва адвокатҳои ташкилоти узви Эътилоф - Сайфуллоев Салимҷон, Исоев Хушбахт, Шарипов Абдураҳмон, Ҳаитов Салимҷон ва Шозодаева Гулгуна ва муовини сардори раёсати ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсии дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳусниддин Нидоев пешниҳод карда шуданд. Дар рафти пешниҳоди машваратҳи ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон воситаҳои муҳофизати шахсӣ аз COVID-19 (ниқобҳои тиббӣ ва антисептикҳо) тақсим карда шуданд.
Саволҳои шаҳрвандон ба доираи васеи муносибатҳои ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи инсон дахл доштанд. Дар маҷмуъ, барои муроҷиаткунандагон масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳуқуқҳои муҳоҷирон дар вақти пандемия, ҳуқуқҳои истиқоматӣ ва оилавӣ мароқовар буданд, донишҷӯёни мактабҳои олӣ дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ ва гузаштани хизмати ҳарбии муҳлатнок саволҳо доданд.

**HUMAN RIGHTS TALK "Кӯшиши фаҳмидан – дар бораи ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа!"**[19]
Рӯзи 11 майи соли 2021**, ТҶ "Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон", ки узви** Эътилоф бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон мебошад, **дар қаҳвахонаи**









**"PARKING"** QUIZ HUMAN RIGHTS TALK "Кӯшиши фаҳмидан – дар бораи ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа!" ташкил карданд. Дар чорабинӣ шаш дастаи иборат аз 5 нафар иштирок намуданд. Зиёда аз 50 нафар мактаббачагон, донишҷӯён, магистрантҳо ва аспирантҳо ҷамъ омаданд. Пас аз хотима ёфтани КВИЗ 3 дастаи беҳтарин муайян карда шуд, онҳо тӯҳфаҳои хотиравӣ гирифтанд.

[18] Гузаронидани чорабиниҳо бо дастгирии молиявии Хазинаи Зигрид Раузинг ва Хазинаи Ҳелсинки оид ба ҳуқуқи инсон имконпазир гашт.
[19] Барои гузаронидани чорабиниҳо Институти "Ҷамъияти кушода - Бунёди мадад" дар Тоҷикистон дастгирии молиявӣ пешниҳод намуд.

**Бозии рафиқона барои дастгирии қурбониён шиканҷа**[20]

Рӯзи 16 майи соли 2021 дар варзишҳоҳи футболи "Душанбе Арена" Эътилоф бозии рафиқонаи мини-футбол барои дастгирии қурбониён шиканҷа ва хешованони наздики онҳоро байни дастаҳои футболи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи Славянии Русия ва Тоҷикистон ташкил кард.




Бозӣ бо ҳисоби 7:3 ба фоидаи дастаи футболи Донишгоҳи Славянии Русия ва Тоҷикистон ба анҷом расида, ки бо мукофоти пулӣ дар ҳаҷми 2200 сомонӣ сарфароз карда шуд**.** Инчунин миннатдорӣ барои рӯҳияи варзишӣ ва муносибатҳои рафиқона дар рафти бозии футболи дӯстӣ изҳор карда шуд. Футболбозон футболкаҳои дорои навиштаҷоти: "Ман зидди шиканҷаро!" -ро пӯшида, ба ин тариқ мавқеи шаҳрвандии худро баён карданд ва эътирози худ бар зидди шиканҷа ва муносибати бераҳмонаро ифода намуданд.

**Ғолибони сабқати мубоҳисавии "Ман тарафдори аз байн бурдани шиканҷа ҳастам!" муайян карда шуданд**[21]



30 майи соли 2021 дар шаҳри Душанбе, дар Маркази омӯзиши забони олмонии пойтахт"DEX", сабқати мубоҳисавии "Ман тарафдори аз байн бурдани шиканҷа ҳастам!" баргузор шуд.

Дар сабқат 16 дастаи дунафарӣ (ҳамагӣ 32 нафар), 6 ҳакам ва 7 тамошобин иштирок намуданд.

---

[20] Гузаронидани чорабиниҳо бо дастгирии молиявии Лоиҳаи БРСМММ "Волоияти қонун ва дастрасӣ ба адолати судӣ" (UNDP) имконпазир гашт.

[21] Чорабинӣ бо дастгирии молиявии Хазинаи Зигрид Раузинг ва Хазинаи Ҳелсинки оид ба ҳуқуқи инсон гузаронида шуд.

**Дар Душанбе фотонамоишгоҳи "Ман тарафдори аз байн бурдани шиканҷа ҳастам!" баргузор гашт**[22]



Рӯзи 15 июни соли 2021 Эътилоф иқдоми "Ман тарафдори аз байн бурдани шиканҷа ҳастам!"-ро ташкил намуд, ки дар фойеи меҳмонхонаи "Душанбе Серена" баргузор шуд.

Дар доираи иқдом фотонамоишгоҳи қурбониён шиканҷа ва аъзои оилаи онҳо дар Тоҷикистон баргузор гашт. Он ба мардонагӣ ва ҷасорати одамоне бахшида шуд, ки наздикони худро аз даст додаанд. Бо вуҷуди тамоми монеаҳо ва душвоиҳо, онҳо комилан итимнон доранд, ки адолат ғалаба мекунад ва умедворанд, ки гунаҳгорон бо тамоми қатъияти қонун ҷазо дода мешванд.

Дар чорабинӣ намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои давлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ВАО, хешовандони шахсони марҳум ва ҳамаи онҳое, ки нисбати мушкилоти шиканҷаи шаҳрвандони ҶТ бетараф нестанд, иштирок намуданд. Дар фотонамоишгоҳ 26 саргузашти қурбониёни шиканҷа ва муносибати бераҳмона пешкаш карда шуданд. Ин он парвандаҳое буданд, ки Эътилоф тайи чанд соли охир аз рӯи онҳо кор кардааст.

**Маводи махсус**

Бахшида ба Рӯзи байналмилалии дастгирии қурбониён шиканҷа маводи махсус омода карда шуд. Аз ҷумла,

1. Шиканҷа - падидаи нодир ё оиди он гап задан метарсанд? https://notorturetj.org/news/pytki-redkoe-yavlenie-ili-o-nih-boyatsya-govorit
2. Офиятбахшӣ пас аз шиканҷа: чӣ гуна ҳал кардани "муаммо" баъд аз даҳшати азсаргузаронида https://notorturetj.org/news/reabilitaciya-posle-pytok-kak-slozhit-pazly-posle-perenesennogo-uzhasa
3. Имконияти ВАО дар мубориза бо хирқи шиканҷа https://notorturetj.org/news/mediavozmozhnosti-v-borbe-s-fenomenom-pytok

[22] https://notorturetj.org/news/v-dushanbe-sostoyalas-fotovystavka-ya-za-iskorenenie-pytok

**Озмуни "Ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа"**

Эътилоф озмуни расмҳоро дар мавзуи "Ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа!" баргузор намуд, ки дар байни тамоми хоҳишмандон - рассомон, тарроҳон, одамони дигар касбҳои эҷодӣ гузаронида шуд.




Нисбати техника ва маводҳо маҳдудият набуд. Ҳамагӣ 12 расм ворид шуд. Иштирокчиён асосан аз шаҳри Душанбе – тарбиятгиранагони студияи "Арт-Дошан" ва аз вилояти Суғд (Хистеварз, ноҳия Б. Ғафуров) буданд. Азбаски дар озмуни одамони синну соли гуногун (аз 7 то 24-сола) иштирок намуданд, тасмим гирифта шуд, ки тамоми иштирокчиён бо тӯҳфаҳои хотиравӣ сарфароз карда шаванд: футболкаҳо, бейсболкаҳо, кулоҳҳо, маҷмуи коғазҳо барои акварел ва маҷмуи мӯқаламҳо.

**Тамоми расмҳоро дар сомонаи Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон дидан мумкин аст. Барои ин ба пайванди зерин гузаштан лозим аст:** www.notorturetj.org

**Омӯзиш барои фаъолони ҷавон[23]**

Рӯзи 25 июн дар Душанбе омӯзиши "Ман тарафдори аз байн бурдани шиканҷа ҳастам!" баргузор гардид, ки дар он зиёда аз 20 фаъолони ҷавони пойтахт иштирок намуданд. Омӯзишро узви Эътилоф Шарипов Абдураҳмон гузаронид. Омӯзиш ба стандартҳои Конвенсия бар зидди шиканҷа ва қонунгузори миллӣ дар бораи озодӣ аз шиканҷа бахшида шуда буд.

**Китоби "Сломанные судьбы, отнятые жизни" (Чанд ҳаёти сӯзонидашуда, ҷонҳои рабудашуда)[24]**

Ҳар сол дар арафаи Рӯзи байналмилалии дастгирии қурбониён шиканҷа, дар давоми як моҳ Эътилоф қиссаҳои қурбониёни шиканҷа ва муносибати бераҳмонаро нашр мекунад. Боиси таассуфи зиёд аст, ки ҳар сол Эътилоф бар зидди шиканҷа далелҳои нав ба нави шиканҷа ва муносибати бераҳмонаро ба қайд мегирад, дар соли 2021 китоб бо 10 қиссаҳои нав пурра шуд. Даҳ ҳолати нав дар давоми панҷ соли охир, ки Эътилоф бар зидди шиканҷа дар Тоҷикистон бо онҳо кор кардааст. Даҳ қисса дар бораи дард, тарс ва беҷазоӣ. Адвокатҳо тавонистаанд, ки дар баъзе ҳолатҳо парвандаро боздоранд ва одами бегуноҳро аз ҳабс раҳо кунанд, дар баъзе ҳолатҳо имкони он даст омадааст, ки кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дар истифодаи шиканҷа гунаҳгор буданд, ба ҷавобгарӣ кашида шаванд. Муаллифи китоб, журналист Наргис Ҳамробоева[25] ва рассом Нозим Қаландаров ба минтақаҳо сафар мекарданд, бо қурбониёни шиканҷа ва хешовандони онҳо вомехӯрданд, хотираҳои онҳоро навишта мегирифтанд, ба ташвишҳо, дард ва умедҳои онҳо шарик мешуданд (рӯйхат дар замимаи 2).

---

[23] https://notorturetj.org/news/protivopytochnyy-trening-dlya-molodyh-aktivistov

[24] Идеяи ибтидоии китоб ба Ташкилоти ҷамъиятии "Дафтар оид ба ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният" мансуб буд, китоби аввалин соли 2013 ба табъ расид.

[25] Наргис Ҳамробоева – шарики Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон, муаллифи китоби "Сломанные судьбы, отнятые жизни" (ду нашр, Эътилоф бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон ва Дафтар оид ба ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният) ва инчунин муҳаррири китоби "История 13 солдат, или Потерянные мечты" (Қиссаи 13 сарбоз, ё орзуҳои барбодрафта) (ТҶ "Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ").

**Чорабиниҳо ба шарафи Рӯзи ҷаҳонии ҳуқуқи инсон дар доираи маъракаи 10-рӯза таҳти шиори "Ҳар як ҳуқуқи инсон муҳим аст!", ки аз ҷониби Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон ташкил карда шудааст.**



**Барномаи радиоӣ:** 2 декабри соли 2021, аз соати 17:00 то 18:00 дар пахши мустақими радиои Asia-Plus[26] барномаи "Mix show": Қонун ва ҳуқуқ [27]баргузор гашт. Ба сифати коршиносон ҳуқуқшиноси Ташкилоти ҷамъиятии "Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон" Абдураҳмон Шарипов ва ҳуқуқшиноси Ташкилоти ҷамъиятии "Дунёи ҳуқуқ" Салим Сайфуллоев (ҳарду ташкилот ба Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон дохил мешаванд) амал карданд. Онҳо дар бораи Рӯзи ҷаҳонии ҳуқуқи инсон нақл карданд ва ба саволҳои шунавандагон ҷавоб доданд.

Ҳадафи чорабиниҳо ташаккул додани фаҳмиши универсалӣ, дорои хусусияти ҳамагонӣ будани ҳуқуқи инсон мебошад. Аз рӯи саволҳои додаи шунавандагон хулоса баровардан мукин аст, ки чунин барномаҳо ба таҳаммулпазирӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтиром ба ҳуқуқи дигарон мусоидат менамоянд. Радиоэфир аз се қисм иборат буд: пешниҳоди маълумот дар бораи Рӯзи ҷаҳонии ҳуқуқи инсон, машварати ҳуқуқӣ дар реҷаи онлайн ва саволу ҷавоб бо шунавандагон.

**Discussion Day:** 4 декабря соли 2021 дар маркази “Parking”-и пойтахт[28] [29]бахшида ба Рӯзи ҷаҳонии ҳуқуқи инсон "Discussion day" гузаронида шуд. Ташкилотчиёни чорабиниҳо ГТҶ ҲРУ-Тоҷикистон дар назди ТҶ "Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон" ба ҳисоб мерафт.



Иштирокчиён аз зумраи ҷавонон ва фаъолон муҳокима намуданд, ки одамон чӣ гуна ҳуқуқҳо доранд, кадом ҳуқуқҳо мусодиранопазир ва мутлақ мебошанд. Инчунин иштирокчиёни масъалаҳои озодӣ аз шиканҷа ва муносибати бераҳмона ва ҳуқуқ ба манзили мувофиқро муҳокима намуданд. Пас аз муҳокимаҳо барои иштирокчиён даври мубоҳисавӣ баргузор гашт, ки дар формати парламентии британиёӣ (ФБП) баргузор гардид. Пас аз баромадҳои тамоми нотиқон, тавассути овоздиҳии тамошобинон дастаи "Закрывающие опровержения" (Раддияҳои баҳснопазир) ғолиб дониста шуд. Пас аз ин давр иштирокчиёни муҳокима намуданд, ки онҳо дар бораи

[26] https://notorturetj.org/news/kinoklab-v-chest-vsemirnogo-dnya-prav-cheloveka
[27]https://notorturetj.org/news/v-efire-radiostancii-aziya-plyus-sostoitsya-peredacha-posvyashchennaya-vsemirnomu-dnyu-prav
[28] https://notorturetj.org/news/discussion-day-posvyashchennyy-vsemirnomu-dnyu-prav-cheloveka
[29] https://notorturetj.org/news/discussion-day-priurochennyy-k-vsemirnomu-dnyu-prav-cheloveka

ин мавзуъ чӣ андешаҳо ва далелҳо пайдо карданд. Ба мубоҳисагарони фаъол флеш-кортҳо туҳфа карда шуданд.



**2 дар 1: машваратҳои ҳуқуқии сайёр ва эдвокаси COVID – 19:** 3 декабри соли 2021, *Эътилоф* якҷоя бо дафтари *Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва Иттифоқи адвокатҳо*,[30] дар чор ноҳияи шаҳри Душанбе машваратҳои ҳуқуқии сайёри ройгон гузаронд.

Машваратҳо дар ноҳияи Фирдавсӣ дар шафати бозор бо КВД "Бақайдгирии амволи ғайриманқул", дар ноҳияи Сино дар наздикии автовокзали шаҳри Душанбе, дар ноҳияи И. Сомонӣ дар назди бозори "Меҳргон" ва дар ноҳияи Шоҳмансур (9 км шаҳри Душанбе) гузаронида шуданд.

Шаҳрвандони муроҷиатнамуда қайд карданд, ки ба гирифтани машварати ҳуқуқии саводнок ниёз доштанд ва барои хизматрасонии ройгон миннатдорӣ изҳор намуданд. Дар рафти пешниҳоди машваратҳои ҳуқуқӣ воситаҳои муҳофизати шахсӣ аз COVID-19 (ниқобҳои тиббӣ ва антисептикҳо) тақсим карда шуданд.

**Машваратҳои ҳуқуқии сайёр ва эдвокаси COVID – 19 дар Бохтар, Ҳисор ва Турсунзода[31]: 6 декабри соли 2021,** *Эътилоф* якҷоя бо *Коллегияи адвокатҳои шаҳри Бохтари вилояти Хатлон* дар Бохтар ва НТҶ (шаҳрҳои Ҳисор ва Турсунзода) машваратҳои ҳуқуқии сайёри ройгон гузаронд. Ба шаҳрвандон оид ба доираи васеи муносибатҳои ҳуқуқӣ ва масъалаҳои ҳуқуқи инсон машваратҳои ҳуқуқӣ пешниҳод карда шуданд. Шаҳрвандон асосан ба масъалаҳои ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи кӯдак дар вақти пандемиия, инчунин ҳуқуқ ба манзил мароқ зоҳир мекарданд, донишҷӯёни мактабҳои олӣ дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ ва ҳуқуқҳои муҳоҷирон саволҳо медоданд. Ҳуқуқшиносон ба шаҳрвандон ҳуқуқи инсон ба озодӣ аз шиканҷа ва ғуломиро шарҳ доданд. Инчунин ҳуқуқшиносон ва адвокатҳо ба саволҳои дорои хусусияти иҷтимоӣ ҷавоб дода, ба шаҳрвандон ваколатҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин ҳуқуқи муроҷиат барои ҳифзи ҳуқуқҳои худро шарҳ доданд.



Ҳангоми гирифтани машваратҳои ҳуқуқӣ шаҳрвандон қайд карданд, ки дар шароити пандемия ва ҷудогузории ихтиёрӣ ҷиҳати гирифтани машваратҳои ҳуқуқӣ душворӣ мекашиданд ва барои машваратҳои ҳуқуқи ройгон миннатдорӣ изҳор намуданд. Ба ҳамаи штирокчиёни чорабиниҳо воситаҳои муҳофизати шахсӣ аз COVID-19 (ниқобҳои тиббӣ ва антисептикҳо) тақсим карда шуданд.

---

[30] https://notorturetj.org/news/2-v-1-vyezdnye-pravovye-konsultacii-i-edvokasi-covid-19
[31] https://notorturetj.org/news/vyezdnye-pravovye-konsultacii-i-edvokasi-covid-19-v-bohtare-gissare-i-tursunzade

**Маводҳо:**:

**Донистан муҳим аст! Озодӣ аз шиканҷа: ҷанбаҳои асосӣ**
https://notorturetj.org/news/vazhno-znat-svoboda-ot-pytok-klyuchevye-aspekty
Озодӣ аз шиканҷа ҳуқуқи мутлақи ҳар як инсони сайёра мебошад. Дар ин маҷмуа мо шиносоӣ бо ҷиҳатҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ оид ба вайронкунии ҳуқуқи одамонеро пешниҳод менамоем, ки ба шиканҷа ва муносибати бераҳмона дучор меоянд.

**Донистан муҳим аст! Муқовимат ба шиканҷа дар қонунгузории Тоҷикистон**
https://notorturetj.org/news/vazhno-znat-protivodeystvie-pytkam-v-zakonodatelstve-tadzhikistana
Дар ин маҷмуа мо шиносоӣ бо ҷанбаҳои асосии қонунгузории ҶТ дар мавриди озодӣ аз шиканҷа ва муносибати бераҳмонаро пешниҳод менамоем.

**Шиканҷа – вайронкунии ҳуқуқи инсон!**
https://notorturetj.org/news/pytki-narushenie-prav-cheloveka
Дар ин мавод ҳуқуқшиносон як қатор масъалаҳои марбут ба истифодаи шиканҷаро шарҳ медиҳанд, ки аксар вақт мавриди мароқи шаҳрвандони ҶТ мебошанд.

**Рӯзи ҳуқуқи инсон: қатъи шиканҷа!**
https://notorturetj.org/news/den-prav-cheloveka-stop-pytkam
